آوازتاجيك
Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

21 сентябри соли 2024
Шанбе
№ 76 (15087)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ЭЪТИМОДНОМАҲОРО АЗ САФИРОНИ НАВТАЪИНИ ХОРИҶӢ ҚАБУЛ КАРД

*20 сентябр маросими мутантани супурдани эътимодномаҳо ба сафирони навтаъини хориҷӣ дар кишвари мо баргузор гардид.*





Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев эътимодномаҳоро аз сафирони Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ҳиндустон Смита Пант, Ҷумҳурии Куриё Вон До Ён, Муғулистон Дааданхуу Батбаатар, Ҷумҳурии Федеративии Олмон Манфред Хутерер, Давлати Исроил Гидион Лустиг ва Иттиҳоди Аврупо Тойво Клаар қабул кард.

Сарвари давлати мо роҳбарони намояндагиҳои дипломатии хориҷиро бо оғози расмии фаъолияти фахриву масъулиятноки онҳо муборакбод намуд.

Таъкид шуд, ки алҳол дар шароити вазъи нооором ва зудтағйири ҷаҳон аҳамияти вазифаи ифтихории сафирон, ки нафақат ба пешбурди манфиати кишварҳои худ, балки ба таҳкими ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории байни халқҳои мо нигаронида шудаанд, беш аз пеш афзун мегардад.

Президент зикр кард, ки дар натиҷаи сиёсати ошкоро, пурмуҳтаво ва рӯшоди сиёсӣ нуфуз ва обрӯйи Ӯзбекистони Нав дар арсаи байналхалқӣ торафт меафзояд.

Аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ бо ташаббуси мамлакати мо қабул гардидани зиёда аз 10 оинномаи махсус, аз ҷумла танҳо дар соли равон 4 ҳуҷҷати муҳим исботи ин гуфтаҳо мебошанд.

Бо вуҷуди вазъи мураккаби ҷаҳонӣ иқтисодиёти Ӯзбекистон инкишоф меёбад, ки бинобар пешгӯии Бонки умумиҷаҳонӣ соли равон 5,3 фоизро ташкил хоҳад дод. Мувофиқи маълумоти Бунёди байналхалқии асъор тибқи натиҷаи соли гузашта Маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат бори аввал аз 100 миллиард доллар гузашт.

Бозиҳои тобистонаи олимпӣ ва паралимпӣ дар Париж арсаи рекордҳо ва комёбиҳои бесобиқаи варзишгарони ҷавони мо гардиданд, ки дар таърихи варзиши мамлакат саҳифаи навро боз намуданд.

– Ҳамаи ин натиҷаи ислоҳоти васеъмиқёсе мебошад, ки бебозгашт гардид, – таъкид кард роҳбари давлат.

Зикр шуд, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон сиёсати бунёди ҷомеаи демократиро дар пояи Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030», озодкунии иқтисодиёт, бозсозии саноат ва инфрасохтори иҷтимоӣ, фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои тиҷорат ва сармоягузорон идома медиҳад.

Вобаста ба ин, интихобот ба Олий Маҷлис ва мақомоти маҳаллии намояндагӣ, ки моҳи оянда баргузор шуда, мувофиқи Сарқонуни навқабулшуда бори аввал дар пояи низоми омехтаи интихоботӣ гузаронида хоҳад шуд, махсус таъкид гардид.

Ғайр аз ин, ба намояндагии кишварҳое, ки роҳбари ҳайатҳои дипломатӣ мебошанд ва ба Созмони умумиҷаҳонии савдо аъзо шудани Ӯзбекистонро дастгирӣ мекунанд, миннатдорӣ изҳор гардид.

Президенти Ӯзбекистон ба сафири Ҷумҳурии Ҳиндустон Смита Пант муроҷиат карда, бо қаноатмандӣ қайд намуд, ки ба шарофати иродаи мустаҳками сарони ду мамлакат муносибатҳои шарикии стратегии байни кишварҳои мо ба дараҷаи нав бардошта шуданд.

Аз оғози соли нав мубодилаи дуҷонибаи мо 30 фоиз афзуд, миқдори корхонаҳои муштарак, хатсайрҳои авиатсионӣ меафзояд, мубодилаи сайёҳӣ вусъат меёбад, робитаҳои байниминтақавӣ мустақимона пеш мераванд.

Дар Ӯзбекистон чаҳор бахши донишгоҳҳои Ҳиндустон бомуваффақият амал мекунанд.

Аз ҷониби роҳбари давлати мо зарурияти дарояндаи наздик то ба 1 миллиард доллар расондани ҳаҷми савдои тарафайн таъкид гардид. Дар ин маврид ба зиёд кардани лоиҳаҳои ҳамкории амалии тарафайн дар соҳаҳои иқтисодиёти рақамӣ, инноватсияҳо, IT, нигаҳдории тандурустӣ, доруворӣ, саноати кимиё, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, сайёҳӣ ва самтҳои дигари афзалиятнок эътибори махсус дода шуд.

Имконияти баланди рушди алоқаҳои байнипарлумонӣ ва идома додани мулоқот дар шакли «Ҳиндустон – Осиёи Марказӣ» таъкид шуд.

Сарвари Ӯзбекистон изҳор дошт, ки Ҷумҳурии Куриё барои мо шарики махсуси стратегии аз имтиҳони вақт гузашта ва дӯсти наздик дар Осиё ба шумор меравад.

Ҳангоми ташрифи давлатии Президент Юн Сок Ёл ба Ӯзбекистон бобати оғози давраи нави ҳамкориҳои бисёрҷанбаи ӯзбекистониву куриёӣ муоҳида ба имзо расид. Ба мақсади бунёди саноат ва инфрасохтори замонавӣ дар кишвари мо модели шарикии баландтехнологӣ ва инноватсионӣ ҷорӣ мегардад.

Ҳаҷми савдои тарафайн 2,5 миллиард долларро ташкил медиҳад. Зиёда аз 700 корхонаи муштарак бомуваффақият амал мекунанд, маҷмӯи лоиҳаҳои нави сармоявӣ ба 10 миллиард доллар расид.

Дар Ӯзбекистон бахшҳои як қатор донишгоҳҳои машҳури куриёӣ, марказҳои таълими касбӣ, инноватсия ва технологияҳои иттилоотӣ кушода шуданд, таҷрибаи пешқадами ташкили низоми таълими томактабӣ бомуваффақият ҷорӣ гардид, дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ лоиҳаҳои бузург муштаракона татбиқ мешаванд.

– Поликлиникаи бачагона, Хонаи маданият ва санъати Куриё, хиёбони Сеул ва кӯча дар шаҳри Тошканд тимсоли равшани дӯстии мустаҳками мо гардиданд, намояндагони куриёӣ тақрибан 200 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, ки қисми ҷудонопазири халқи сермиллати Ӯзбекистон буда, ба пешрафти мо саҳми назаррас мегузоранд, таъкид кард Президенти Ӯзбекистон.

Зарурияти ҳамаҷониба татбиқ сохтани нақшаҳои стратегии ҳамкорӣ бо ширкатҳои машҳури Ҷумҳурии Куриё дар соҳаи минералҳои нодир, нимноқилҳо, саноати кимиё, энергетикаи «сабз», мошинсозӣ, хоҷагии қишлоқи «оқил» ва нақлиёт, ҳамчунин муҳимияти минбаъд фаъолтар кардани робитаҳои парлумонӣ ва байниминтақавӣ, вусъат додани ҳамкориҳои башардӯстона, рушди механизмҳои бисёрҷанбаи шарикӣ таъкид карда шуд.

Роҳбари давлати мо ба Сафири Муғулистон муроҷиат намуда, қайд сохт, ки ташрифи давлатии ба қарибӣ анҷомдодаи Президент Ухнаагийн Хурэлсух ба Ӯзбекистон дар муносибатҳои муфиди тарафайни ӯзбекистониву муғулистонӣ саҳифаи навро боз намуд.

Дар Тошканд сафоратхонаи Муғулистон ба кор сар кард. Савдои тарафайн аз оғози соли равон ду барбар афзуд. Робитаҳои байни вазорату идораҳои мухталиф фаъолтар гардиданд.

Зарурияти бечунучаро иҷро шудани муоҳидаҳои баимзорасида, аз ҷумла, бобати қабул гардидани Муоҳида дар бораи савдои преференсиалӣ, иштирок дар азхудкунӣ ва коркарди конҳои фоиданок, татбиқсозии лоиҳаҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ, пӯст, бофандагӣ, саноати доруворӣ ва тиббиёт, ба роҳ мондани мубодилаи бевоситаи авиатсионӣ, вусъат додани барномаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ таъкид гардид.

Сарвари Ӯзбекистон изҳор дошт, ки Олмон, ки аз кишварҳои пешқадами ҷаҳон ба шумор рафта, иқтидори бузурги зеҳниву иқтисодӣ дорад, шарики муҳим ва дарозмуҳлати Ӯзбекистон дар Аврупо ба шумор меравад.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ДАР БОРАИ НАТИҶА ВА ПЕШОМАДҲОИ ВАРЗИШ МАЪЛУМОТ ДОДА ШУД

***Ба Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи корҳои татбиқшуда ва нақшаҳои минбаъда дар соҳаи варзиш маълумот пешниҳод гардид.***

Дар навбати аввал ба масъалаҳои рушди минбаъдаи варзиши оммавӣ ва ҳаракати олимпӣ эътибор дода шуд. Дар Бозиҳои олимпӣ ва паралимпӣ, ки ба наздикӣ дар Париж баргузор шуданд, варзишгарони Ӯзбекистон дар маҷмӯъ соҳиби 39 медал гардида, дар байни зиёда аз дусад мамлакат мақоми 13-умро ишғол карданд.

Ин дастоварди баландтарин дар таърихи варзиши ватанӣ гардид.

Дар вохӯрӣ бо ғолибон ва ҷоизадорони ин мусобиқоти бонуфуз роҳбари давлати мо зарурати аллакай аз имрӯз тайёрӣ дидан ба бозиҳое, ки соли 2028-ум дар Лос-Анҷелос баргузор мегарданд, вусъат додани иштирок дар намудҳои гуногуни варзишро таъкид карда буд.

Бо дарназардошти ин Вазорати варзиш, кумитаҳои миллии олимпӣ ва паралимпӣ имкониятҳои истифоданашударо бинобар хелҳои варзиш бори дигар аз ҷиҳати танқидӣ таҳлил карданд.

Чунончи, дар Бозиҳои олимпӣ оид ба атлетикаи сабук 48 ва доир ба хелҳои обии варзиш 49 намуд мавҷуданд. Вале дар онҳо мувофиқан 5 ва 4 нафар намояндагони мо иштирок карданд.

Федератсияҳо амал мекунанд ва барои рушди теннис, тирпарронӣ, гимнастика, варзиши велосипедронӣ шароитҳо мавҷуданд. Дар гӯштини юнониву римӣ, варзиши аспронӣ, шамшербозӣ, қаиқронӣ имкониятҳои азими истифоданашуда ҳастанд, ҳамчунин бояд намудҳои даставии варзиш, аз ҷумла хоккейи рӯйи алаф, баскетбол, гандбол, регбӣ, тӯби обӣ инкишоф дода шаванд.

Бобати беҳтар кардани фаъолияти ин федератсияҳои варзишӣ, такмил додани низоми машғулиятҳои таълимиву тармимӣ вазифаҳо мушаххас карда шуданд.

Таъкид гардид, ки ҳаракати миллии олимпӣ ва паралимпӣ аз варзиши оммавӣ нирӯ мегирад, бинобар вусъат додани корҳои селексионӣ дар маҳаллаҳо, тайёрии касбии ҷавонони соҳибистеъдод супоришҳо дода шуданд.

Тавре маълум аст, соли оянда дар мамлакати мо гузаронидани Бозиҳои осиёӣ ва параосиёӣ дар байни ҷавонон пешбинӣ шудааст. Барои ин дар Тошканд Шаҳраки олимпӣ бунёд карда мешавад.

Ҳангоми шиносоӣ бо шаҳрак, ки ба наздикӣ сурат гирифт, Президент зикр намуд, ки маҷмӯи мазкур бояд маркази илмӣ, амалӣ ва таълимию тамринии варзиши ватанӣ гардад.

Мувофиқан, баъд аз Бозиҳои осиёӣ, истифодаи самарабахши инфрасохтори Шаҳраки олимпӣ дар назар аст. Барои ин идоракунии маъмурии маҷмӯъ, ки ба консепсияи «Шаҳри ҳушманд» асос дорад, ба роҳ монда хоҳад шуд. Сохтор бо нигоҳубини маҷмаи варзишӣ, мониторинги ҳолати таҷҳизот ва низомҳои техникӣ, дар зарурат бо таъмири он машғул хоҳад шуд. Бинобар намудҳои бартариноки варзиш нақшаи солона тасдиқ карда мешавад, варзишгарон аз минтақаҳо дар Шаҳраки олимпӣ машғулиятҳои таълимиву тамринӣ мегиранд. Ҳамчунин ба сохтори мазкур ҳуқуқи ташкил кардани чорабиниҳои оммавӣ, хидматрасонии иҷоравӣ ва ғайра пешниҳод карда мешаванд.

Вақте ки сухан дар бораи ҳаракати олимпӣ меравад, бозиҳои зимистонаро низ набояд аз назар соқит кард. Яке аз самтҳои пешомаднок хоккей ба шумор меравад.

Ҳоли ҳозир дар мамлакат 4 дастаи варзишӣ ва 3 иншооти варзишӣ оид ба хоккей амал мекунанд. Дастаи мунтахаби то 16-солаи мо дар Ҷоми Осиё ва Океанияи соли 2023-юм ҷойи якумро ишғол намуд. Соли равон мусобиқаи мазкур бори аввал дар Ӯзбекистон гузашт ва дар он дастаи мунтахаби то 18-солаи мо ғолиб омад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин бобати рушди ин намуди варзиш дар ҳудуди Шаҳраки олимпӣ маҷмӯи хоккей бунёд хоҳад шуд.

Роҳбари давлат оид ба ҷалби васеи аҳолӣ ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши оммавӣ, ҳамчунин бобати омодагии мунтазам ба мусобиқоти байналхалқӣ супоришҳо дод.

**ӮзА.**

***Баланд бардоштани маданияти экологӣ имрӯзҳо яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Маданияти экологӣ ин риояи қонунияти табиат, ба он зарар нарасондан ва ҳамзамон ривоҷ додани он мебошад. Дар натиҷаи ба неъматҳои ноёби табиат бераҳмона муносибат кардан ва аз боигариҳои табиӣ сарфакоронаву оқилона истифода набурдани одамон дар ин ҷабҳа муаммоҳои экологӣ ба миён омадаанд. Бинобар ин, аз мо тақозо мегардад, ки ҳавои софу оби тоза, замину осмон чун гаҳвараки чашм ҳифз карда шавад.***

# «МАКОНИ САБЗ»: 75 МИЛЛИОН НИҲОЛ МЕШИНОНАНД

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ бо ташаббуси Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим доир ба мавзӯи «Нишондиҳандаи корҳое, ки аз ҷониби вазорат дар соҳа анҷом дода шудаанд: натиҷаҳои бадастомада ва нақшаҳои оянда, инчунин дурнамои рушди таълими экологӣ» чорабинӣ баргузор гардид.

Дар он ҷонишини вазир Жусипбек Казбеков, роҳбари раёсати экология, ҳифзи муҳити атроф ва назорати иҷрои қонунгузории соҳаи хоҷагии ҷангали Прокуратураи генералӣ Ӯктам Ӯтаев ва коргарони идораву шуъбаҳои вазорат ширкат варзиданд.

– Таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи муҳити атроф аз масъалаҳои муҳиме мебошанд, ки ба назди инсоният гузошта шудааст ва ҳар як нафар вазифадор аст, ки барои тозаву озода нигоҳ доштани муҳити атроф ва экология саҳми худро гузорад. Ҳаёти имрӯза тақозо менамояд, ки инсон на танҳо дар хонаву ҷойи зист, балки дар ҳар гӯшаву канори Замин ба қоидаҳои экология риоя намуда, об, ҳаво, хок, ҷангалу бешаро бояд тоза нигоҳ дорад, – гуфт ҷонишини вазир Ж. Казбеков. – Дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» дар саросари кишвар дар мавсими киштукори баҳории соли ҷорӣ 138 миллион ниҳол шинонда шуд. Аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 257 «Боғи сабз» бунёд шуда, шумораи умумии онҳо ба 517 адад расид. То охири соли ҷорӣ дар доираи лоиҳаи умуммиллии «Макони сабз» дар мавсими киштукори тирамоҳӣ дар ҷумҳурии мо 75 миллион бех ниҳолу дарахту бутта шинонда мешавад. Дар доираи лоиҳаи «Боғи ман» ҳуҷҷатҳои лоиҳавии 215 ташаббуси ғолиб таҳия гардида, дар мавсими кишту кори тирамоҳӣ бунёди «Боғҳои сабз» ва «Боғҳои ҷамъиятии сабз» оғоз мегардад.

Ӯктам Ӯтаев таъкид кард, ки муаммои рӯзмаррае, ки имрӯз барои инсоният ташвишовар аст, дигаргуниҳои иқлимӣ ба шумор меравад. Аз ин сабаб, сарфакоронаву пурсамар истифода бурдан аз боигариҳои табиат, ташаккул додани маданияти экологии мардум талаби замон мебошад. Бо зиёдшавии аҳолӣ дараҷаи истеъмол низ зиёд мегардад. Аз ин рӯ, дар ҷойи махсус гузоштани партов ва азнавкоркарди партови маишӣ талаб карда мешавад. Дар мамлакати мо барои таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи муҳити атроф, баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ, аз захираҳои табиӣ оқилона истифода бурдани онҳо корҳои назаррас ба роҳ монда шудааст, ки ба саломатии инсон ва безараргардонии ҳаёти ҷонварон аҳамият дорад. Дар соҳаи азнавкоркарди партови маишӣ дар ҳама вилоятҳои ҷумҳурӣ, кластерҳои саракунӣ ва азнавкоркарди партови маишӣ созмон дода шуданд. Чорабиниҳои назоратии экологӣ аз омилҳоест, ки барои барқарор кардани муҳити тозаи экологӣ, истифодаи оқилона аз захираҳои табиӣ мусоидат мекунад, зеро ҳар сол қонуншиканиҳо дар ин бобат ба назар мерасанд. Ҳоло бо идоракунии маҷмӯии партови маишӣ дар корхона ва ташкилотҳо эътибори алоҳида дода мешавад. Афсӯс, ки айни ҳол бисёр моддаҳои ифлоскунандаи ҳаво ба назар мерасанд, ки ҳам барои саломатии одамон, ҳам барои олами ҳайвонот ва растаниҳо таъсири манфӣ расонда, боиси вайрон шудани мувозинати муътадили экологӣ мегарданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI MARKAZIY SAYLOV KOMISSIYASI

***Дар ҷамъомади навбатии Комиссияи марказии интихоботӣ масъалаҳои марбут ба бақайдгирии номзадҳо ба депутатии Палатаи қонунгузорӣ, ки аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ пешбарӣ шуданд, инчунин ташвиқоти пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ба вакилӣ, ки дар интихобот иштирок мекунанд, дида баромада шуданд. Маълум, ки интихоботи депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ дар асоси низоми интихоботи омехта, яъне мажоритарӣ ва мутаносиб баргузор мегардад.***

# МАРҲИЛАИ МУҲИМИ ИНТИХОБОТ – ТАШВИҚОТИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ ОҒОЗ МЕЁБАД

Имсол ба Палатаи поёнии парлумон аз 150 депутат 75 нафар аз рӯйи ҳавзаҳои интихоботии якмандата мувофиқи овоздиҳӣ ба як номзади аниқ интихоб карда мешавад. 75 нафари боқимонда бошад аз рӯйи ҳавзаҳои интихоботии ягона ба тарзи мутаносиб ба овозҳое, ки аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ дода шудаанд, дар асоси рӯйхати номнависҳои аз тарафи номзадҳои ҳизбҳои сиёсӣ пешниҳодшуда интихоб мегарданд.

Дар ҷамъомад оиди номнависсозии номзадҳо ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис аз рӯйи ҳавзаҳои интихоботии якмандата, ки Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби леберал-демократии Ўзбекистон, Ҳизби демократии «Миллий тикланиш»-и Ўзбекистон , Ҳизби экологии Ўзбекистон, Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон ва Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат»-и Ўзбекистон пешниҳод намудаанд, қарор қабул карда шуд.

Мувофиқи он аз ҷониби панҷ ҳизби сиёсӣ аз рӯйи ҳавзаҳои интихоботии якмандата ҷамъ 375 нафар номзад ба рӯйхат гирифта шуд. Айни замон оиди номнависсозии номзадҳо, ки аз ҳавзаҳои интихоботии якмандата пешбарӣ шудаанд, (ҷамъ 500 нафар) қарорҳои дахлдори Комиссияи марказии интихоботӣ қабул шуд.

Навъе қайд гашт, аз ҷониби 5 ҳизби сиёсӣ ба кулли дараҷаҳои депутатӣ сад фоиз номзадҳо нишон дода шуданд.

Аз ҷумла, ба Палатаи қонунгузорӣ ҷамъ 875 нафар, ба Ҷоқарғи Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Шӯрои депутатҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ҷамъ 3625 нафар, ба депутатҳои халқи Шӯроҳои ноҳиявию шаҳрӣ ҷамъ 24850 нафар номзадҳо пешбарӣ карда шуданд.

Дар ин самт ба кор андохта шудани портали интерактивии «E-saylov» низ ба аҳамият молик гашт.

Тавре дар ҷамъомад қайд гардид, дар байни номзадҳое, ки ҳизбҳои сиёсӣ ба депутатии Палатаи қонунгузорӣ нишон додаанд, 391 нафар, яъне 44,7 фоизро бонувон ташкил менамоянд. Ин баландтарин нишондиҳанда дар таърихи интихоботи мо мебошад.

Синни миёнаи номзадҳо – 47,2 солро ташкил медиҳад. Аз он 44,2 фоиз – то 45 сола, 44,3 фоизи дигар 45-60-сола мебошанд. 99,3 фоизи номзадҳо соҳиби маълумоти олӣ мебошанд.

Дар байни номзадҳо 20,2 фоизро иқтисоддонҳо, 27,9 фоизро педагогҳо, 89 фоизро муҳандисон, 9,1 фоизро духтурҳо, 16,5 фоизро ҳуқуқшиносҳо, 18,4 фоизро соҳибони касбу кори дигар ташкил менамоянд.

Навъе зикр гашт, аз ҷониби комиссияҳои интихоботии ҳудудӣ, ноҳия ва шаҳрҳо низ номзадҳо ба депутатии Шӯроҳои маҳаллӣ аз рӯйхат гузаронда шуданд.

Ба Ҷоқарги Кенгес, Шӯрои депутатҳои халқи вилоятҳо, шаҳри Тошканд ва ноҳияҳо (шаҳрҳо), айни замон, аз ҳар як ҳизб номзадҳо ба рӯйихат гирифта шуданд. Акнун ба мандати депутатӣ ҷамъ 28475 нафар номзадҳо мубориза мебаранд.

42,5 фоизи номзадҳоро бонувон ташкил мекунанд. Синни миёнаи номзадҳо ба депутатии Ҷоқарги Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шӯроҳои депутатҳои халқи вилоятҳо,шаҳри Тошканд, ҳамчунин синни миёнаи номзадҳо ба шӯроҳои ноҳия ва (шаҳрӣ) – 44,4 солро ташкил медиҳад. 90,3 фоизи номзадҳо маълумоти олӣ доранд. Дар байни номзадҳо педагогҳо – 36 фоиз, иқтисоддонҳо – 15,8 фоиз, муҳандисон – 9,6 фоиз, шифокорон – 9,4 фоиз, ҳуқуқшиносҳо – 3,3 фоиз, соҳибкорон, фермерҳо ва вакилони касбҳои дигар 25,9 фоиз мебошанд.

Намояндагони миллат ва халқиятҳои гуногун, ки дар Ўзбекистон умр ба сар мебаранд, дар байни номзадҳо ҳастанд. Ба Палатаи қонунгузорӣ ва шӯроҳои маҳаллӣ 973 нафар тоҷикон, 588 нафар қазоқҳо, 146 нафар туркманҳо, 141 нафар қирғизҳо, 67 нафар рус ва миллатҳои дигар чун номзад пешбарӣ шудаанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар нишон додани номзадҳо ба инклюзивӣ низ эътибори алоҳида додаанд. Аз ҷумла, дар байни номзадҳо ба депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис 11 нафар, дар байни номзадҳо ба депутатии Шӯроҳои маҳаллӣ ҷамъ 605 нафар шахсони маълӯл ҳастанд.

Дар ҷамъомад масъалаи иштироки ҳизбҳои сиёсии дар интихоботи Палатаи қонунгузорӣ ва депутатҳои Шӯрои маҳаллӣ иштироккунанда ва ташвиқоти пешазинтихоботии номзадҳо ба депутатӣ низ баррасӣ шуд.

Дар ҷамъомад таъкид ёфт, ки ташвиқоти пешазинтихоботӣ аз 22 сентябри соли 2024 оғоз хоҳад ёфт. Айни замон дар давраи ташвиқоти пешазинтихоботӣ пайдарпайи навбати ҳизбҳои сиёсӣ, ки ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардан доранд ва баромадҳои номзадҳо ба депутатӣ дар ВАО муайян карда шуд. Дар он:

якум – ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонон – Ҳизби либерал-демократии Ўзбекистон;

дуюм – Ҳизби демократии «Миллий тикланиш»-и Ўзбекистон;

сеюм – Ҳизби экологии Ўзбекистон;

чорум – Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон;

панҷум – Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат»-и Ўзбекистон ҷой ишғол кардаанд.

Мувофиқи қарори Комиссияи марказии интихоботӣ дар телерадиокомпанияҳои марказии давлатӣ ва ҳудудӣ, ҳамчунин рӯзномаҳо ба номзадҳо ба депутатӣ ва барои ҳизбҳои сиёсӣ дар давраи ташвиқоти пешазинтихоботӣ вақти эфири ройгон ва ҳаҷми майдони нашр ҷудо карда шуд.

Дар анҷумани матбуотӣ, ки баъд аз ҷамъомади навбатии Комиссияи марказии интихоботӣ ба амал омад, раиси Комиссияи марказии интихоботӣ Зайниддин Низомхӯҷаев ва дигар шахсони масъул ба саволҳои рӯзноманигорон ҷавоб гардонданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ЭЪТИМОДНОМАҲОРО АЗ САФИРОНИ НАВТАЪИНИ ХОРИҶӢ ҚАБУЛ КАРД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Таъкид шуд, ки ду ташрифи дараҷаи олӣ ба Олмон дар соли гузашта, ҳамчунин сафари расмии Канслери Федералӣ Олаф Шолс ба Ўзбекистон дар таърихи муносибатҳои бисёрҷанбаи ўзбекистониву олмонӣ ибтидои даврони нав ва воқеаи асосӣ гардиданд.

Солҳои охир ҳаҷми савдои тарафайн ва миқдори корхонаҳои муштарак ду баробар зиёд шуданд, азхудкунии сармоя бошад, 10 баробар афзуд.

Бо ширкат ва бонкҳои машҳури Олмон лоиҳаҳои муштарак ба маблағи 9 миллиард евро коркард мешаванд.

Механизмҳо барои вусъат додани ҳамкорӣ бо ширкатҳо, аз ҷумла, Siemens, Linde, BASF, MAN, CLAAS, Henkel, Knauf, Papenburg, Deutsche Bahn ва ғайра ҷорӣ мегарданд, Барномаи шарикии саноатӣ ва технологӣ қабул шуд.

– Баробари ин, мо дар соҳаҳои маданиву инсонпарварӣ, таълимӣ, муҳоҷират ва ҳамкории сайёҳӣ натиҷаҳои бештарро интизорем, – таъкид намуд Президенти кишвари мо.

Президент ҳамчунин изҳор дошт, ки ташаббусҳои ба амиқсозии шарикии стратегии минтақавӣ нигаронидашударо, ки дар ҷараёни ҳамоиши дуюми «Осиёи Марказӣ – Олмон» ба қарибӣ дар Остона баргузор гардид, дастгирӣ менамояд.

Сарвари Ўзбекистон зикр сохт, ки Исроил шарики муҳими иқтисодии Ўзбекистон ба шумор меравад.

Соли гузашта ҳаҷми савдо 2 баробар зиёд гардид, дар мамлакати мо анқариб 120 корхона бо иштироки сармояҳои Исроил амал мекунанд.

Яҳудиёни Бухоро, ки аз қадимулайём дар Ўзбекистон зисту зиндагӣ доштанд, то ҳол ба сифати ҳалқаи байни халқҳои мо нақши мустаҳкам мебозанд.

Президент мавҷудияти имкониятҳои зиёди ҳамкории дуҷонибаро таъкид кард, аз ҷумла манфиатдорӣ аз рушди шарикӣ дар соҳаҳои инноватсионӣ, хоҷагии қишлоқ ва оби «оқил», технологияҳои сарфакори захираҳо, доруворӣ ва нигаҳдории тандурустӣ зикр шуд.

Роҳбари давлати мо ҷонибдории қатъии Ўзбекистонро аз танзими ҳарчи зудтару одилонаи вазъият дар Шарқи Наздик бо истиқрори сулҳу эътидоли мустаҳкам бинобар ҳуҷҷатҳои аз ҷониби умум эътирофшуда таъкид сохт. Соли равон 30-юмин солгарди ба роҳ монда шудани муносибатҳои дипломатӣ қайд мегардад.

Миқдори сафарҳои дараҷаи олӣ меафзояд, шарикии стратегӣ бо як қатор давлатҳои аврупоӣ ба роҳ монда шудааст, мубодилаи мол бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо соли гузашта 30 фоиз афзуд.

Дар соҳаҳои иқтисодиёти «сабз», энергетикаи муқобил, саноати баландтехнологӣ, сармояҳо, захираҳои минералӣ, кишоварзӣ, экология, илм ва таълим лоиҳаҳои бузурги муштарак татбиқ мегарданд.

Зикр шуд, ки ҳарчи зудтар ба имзо расидани муоҳида оид ба вусъат додани шарикӣ ва ҳамкорӣ ба минбаъд амиқсозии муносибатҳои мо хидмат хоҳад кард.

– Мо ният дорем бо ҷониби Аврупо бинобар чунин самтҳои рӯзмарра, аз ҷумла фаъолтар кардани робитаҳои сиёсӣ, идома додани мулоқоти рӯшоду пурмуҳтаво бинобар масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва таҳкими идораҳои демократӣ, дарёфти «нуқтаҳои рушд» дар соҳаҳои иқтисодиёт, сармояҳо, нақлиёт ва коммуникатсия, сабуктар сохтани режими равобит барои сафарҳои тарафайни шаҳрвандони мо ҳамкорӣ кунем, – гуфт Президенти Ўзбекистон.

Ҳамчунин ҳамкории доманадори Иттиҳоди Аврупо бо Осиёи Марказӣ қайд карда шуд. Вобаста ба ин сарвари давлати мо дар бораи тайёрӣ барои гузаронидани ҳамоиши «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо», ки соли оянда дар шаҳри Самарқанд бояд баргузор шавад, иттилоъ дод.

Дар анҷоми маросим Президенти Ўзбекистон ба сафирони навтаъиншуда дар фаъолияти ифтихорӣ бори дигар комёбиҳои бузург дархост, тавсия дод, ки бо натиҷаи корҳои созандагии ислоҳот, бахусус дар ноҳия ва деҳоти дурдасттарини кишвари мо аз наздик шинос шаванд.

Дипломатҳои хориҷӣ, дар навбати худ барои қабули самимӣ ва шароитҳое, ки баҳри самарабахш татбиқ намудани фаъолияти онҳо фароҳам оварда шуда, ба ҳамаҷониба мустаҳкам гардидани ҳамкориҳои муфиди тарафайн ва бисёрҷанбаву татбиқи лоиҳаҳои муштарак равона гардидаанд, миннатдорӣ баён карданд.

**ЎзА.**

## ХАБАРҲО

### ПИРОН – ОМЎЗГОРИ ҶАВОНОН

***Мегӯянд ба як ҷавон даҳ маҳалла падару модар. Айни замон бо мақсади баҳрабардории насли ҷавон аз панд ва таҷрибаи ҳаётии солхӯрдагон дар асоси тамоюли «Як пирамард ба даҳ ҷавон масъул» чорабиниҳо пеш бурда мешаванд. Бо ин ном дар ҷумҳуриамон озмун-азназаргузаронӣ низ баргузор мегардад.***

Дар вилояти Самарқанд ин чорабинӣ муташаккилона гузашт. Сокини куҳансоли маҳаллаи Гулзори ноҳияи Булунғур Сафарбой Алибоев дар даври вилоятӣ ғолиб гардид ва вай ба 9 баробар миқдори ҳисоби базавӣ, яъне 3 миллиону 60 ҳазор сўм мукофотонида шуд. Ҷойҳои дуюму сеюм ба Муаззам Турдиеваи нарпайӣ ва Тӯхташ Сӯярови нурободӣ насиб кард.

Чорабинӣ ба тасбит расонд ба ҷавонон таҷрибаи ҳаётии худро омӯзонидани пиронсолон натиҷаи худро медиҳад.

### САЙЁҲӢ БАЙНИ ЎЗБЕКИСТОНУ ФАРОНСА

***Байни Фаронса ва Ўзбекистон сайёҳӣ ба дараҷаҳои нав мебарояд. Аз ҷумла, дар доираҳои коршиноси фаронсавӣ васеъ тарғиб намудани салоҳияти сайёҳии мамлакати мо мазмуни тоза пайдо мекунад.***

Дар яке аз намоишҳои байналхалқие, ки дар Париж доир гашт, намояндагии мо таҳти роҳбарии раиси Кумитаи сайёҳӣ У. Шодиев иштирок намуд. Дар доираи тадбир дар сафоратхонаи Ўзбекистон дар Фаронса рӯнамоии иқтидори сайёҳии кишвари мо баргузор гардид. Дар тақдимот ансамбли «Баҳор» барномаи консертӣ армуғон сохт. Хусусан, рақсҳои фарғонагиву хоразмӣ ба иштирокдорон таассуроти хуб бахшид.

**М.ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

### СЕРТИФИКАТ БА БОНУВОН

***Дар ноҳияи Қаровулбозори вилояти Бухоро бо ташаббуси шуъбаи оила ва занону духтарони ноҳия барои бонувони ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷ, бобати омӯхтани соҳибкорӣ ва касбу ҳунар, курсҳои семоҳа созмон ёфта буд.***

Дар он 80 нафар занону духтарони хоҳишманд дар равияҳои интихобкардаашон аз тарафи мутахассисони Маркази вилоятии соҳибкории бонувон хононда шуд. Ниҳоят фурсати ба онҳо супоридани сертификат фаро расид. Дар чорабинии ҳуҷҷатсупорӣ масъулони ҳокимияти ноҳия, роҳбарони шуъбаи оила ва занону духтарони ноҳия, мутахассисони марказ, депутатҳои Шӯрои ноҳия иштирок карданд ва соҳибони сертификатро бо соҳиби касбҳои дӯзандагӣ, хонакорӣ, қандолотпазӣ, корманди толори зебоӣ ва ғайра шуданашон муборакбод намуда, ба оғози фаъолияти кориашон комёбиҳо хостанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ҶОНИШИНИ ВАЗИР ДАР КОСОНСОЙ

***Чанде пеш ҷонишини Сарвазири Ўзбекистон Зулайхо Маҳкамова бо сафари амалӣ ба вилояти Намангон ташриф овард.***

Дар давоми ташриф бо кору фаъолияти занони соҳибкор, занон-роҳбарони хоҷагиҳои фермерӣ ва вусъати корхонаҳои оилавӣ шинос шуд. Дар ҷамъомад бо иштироки фаъолони ноҳия, ки дар маҷлисгоҳи ҳокимият баргузор гардид, оиди боз ҳам вусъату дастгирии соҳибкорӣ ва фаъолнокии занону духтарон дар соҳа фикру мулоҳизаҳои худро иброз дошт.

Худи ҳамон рӯз Зулайхо Маҳкамова ба мактаб-интернати махсуси рақами 45-уми «Нурли маскан» ташриф овард ва бо шароити ба хонандагон офаридашуда шинос шуда, туҳфаҳо тақдим намуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ДАР ВИЛОЯТИ НАВОӢ МАЪРАКАИ ПАХТАЧИНӢ ОҒОЗ ЁФТ

***Пеш аз оғоз бахшидан ба маъракаи пахтачинӣ дар бошишгоҳи саҳроии хоҷагии фермерии «Валиобод» дар ҳудуди Ўртачӯли ноҳияи Қизилтеппа семинари амалӣ баргузор гардид.***

Ба хоҷагии фермерӣ чандин сол аст, ки Раъно Валиева роҳбарӣ мекунад ва яке аз хоҷагиҳои пешқадами ноҳия маҳсуб меёбад.

Мақсад аз гузаронидани чорабинӣ хуб ба роҳ мондан ва ташкили маъракаи босифат ва самараноки маъракаи ғунучини пахта мебошад. Фермерон аз оғози мавсими кишт ба гузаронидани маъракаи ғунучини пахта омодагӣ дидаанд. Дар кори семинари амалӣ ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов, ҳокими ноҳия Бекзод Бобомуродов, намояндагони хоҷагии деҳот ва фермерони ҳудуд иштирок намуданд. Ба фаъолияти хоҷагиҳои фермерӣ комёбиҳо орзу намуданд.

Сипас, бо ба кор даромадани даҳ мошинаи пахтачин, ки аз ҷониби фермерҳои қизилтеппагӣ харид шуда буд, ғунучини «Пахта-2024» оғоз гардид. Тибқи маълумот дар ноҳия 238-то хоҷагии фермерӣ фаъолият дошта, дар майдони 7100 гектар пахта кишт намудаанд. Ўҳдадор шудаанд, ки соли равон аз ҳар гектар 50 сентнерӣ «тиллои сафед» супоранд.

Дар ҳудуди Ўртачӯл ярмаркаи арзони маҳсулоти хоҷагии деҳот ташкил карда шуд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ҶАШНВОРАИ «ИДИ АТЛАС» ДАР МАРҒЕЛОН ДАВОМ ДОРАД

***Дар шаҳри куҳанбунёди Марғелон маросими кушодашавии Ҷашнвораи VI байналмилалии «Иди атлас» баргузор гардид. Дар он ба ҳайси созмондиҳандагон намояндагии ЮНЕСКО дар Ўзбекистон, шаҳрдории Марғелон ва иттиҳодияи «Ҳунарманд» муаррифӣ шуданд. Дар маросим гуфта шуд, ки ҷашнвора бори шашум ҳунармандони ҷаҳонро аз 30 кишвар гирди ҳам овардааст. Аммо иштироки 60 нафар коршиносон ба нуфузи он шукӯҳи тоза бахшидааст.***



Дар ҳошияи ин ҷашнвора аввал дар давоми даҳ рӯз барои ҳунармандони хориҷӣ ва маҳаллӣ семинар-тренинг гузаронида шуд. Аксари онҳоро ҷавонон ташкил намуданд. Инчунин дар конфронси илмӣ-амалӣ масъалаҳои рушди ҳунармандӣ ва мушкилоти ин соҳа дар меҳвари баррасиҳо қарор дода шуданд.

– Дарсҳои маҳорат оид ба ҳунарҳои мардумӣ ва этнодизайн барои ҳунармандони ҷавон хеле муфид арзёбӣ гардид. Баъди анҷоми семинар-тренинг ба иштирокчиёни он шаҳодатномаҳои махсус тақдим карда шуданд, – мегӯяд раиси Иттиҳодияи ҷумҳуриявии «Ҳунарманд» Расулҷон Мирзоаҳмедов.

Ногуфта намонад, ки дар доираи ҷашнвора чанд намоишгоҳ ташкил карда шуд, ки маҳсулоти марказҳои ҳунармандӣ дар он ба маърази намоиш гузошта шуданд. Онҳо маҳсули дасти занону духтароне мебошанд, ки дар хона нишаста, касбу ҳунар омӯхтаанд ва соҳиби кор шудаанд.

Ҷашнвораи «Иди атлас» барои аҳли ҳунари бофандагии Марғелон имконияти васеъ пайдо намуд. Аз ҷумла, бо ҷараёни тайёр кардани матоъ ва маснуоти бофтаю дӯхтаи онҳо иштирокчиёни ҷашнвора шинос шуданд. Бешубҳа, истеъдоду маҳорати ҳирфаии онҳо аксариятро ба ҳайрат овард. Бофтани атласу адрасҳои гуногун, ҷилову дурахши рангоранги он чашмҳоро мебурд ва чолокии занону духтаронро дида, меҳмонон ба ваҷд меомаданд.

– Шаҳри Марғелони мо аз қадимулайём бо чунин матоъҳои худ дар олам машҳур гаштааст. Ин ҷашнвора беҳуда дар ин шаҳр баргузор намегардад. Доираи ҷуғрофияи матоъҳои бофандагони мо ба мардуми чаҳор иқлим писанд омадааст, ки аз ин мо хеле сарбаланд ҳастем, – мегӯяд роҳбари Маркази ҳунармандии шаҳри Марғелон Иброҳимҷон Султонов.

Дар доираи Ҷашнвораи «Иди атлас» намоиши мӯд баргузор гардид. Дар он дизайну тарроҳони маҳаллӣ ва хориҷӣ либосҳои дӯхтаашонро ба намоиш гузоштанд. Маълум шуд, ки онҳо дар ин соҳа хеле таҷрибаи калон ҳосил кардаанд, зеро ҳар як баромади духтарони либосҳои рангоранг пурҷило ба бар бо кафкӯбиҳо истиқбол гирифта мешуданд.

Ҷашнвораи байналмилалии «Иди атлас» имрӯз ба поён расид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ФАРЗАНДОНРО БЕПАРВО НАГУЗОРЕМ

Аз ҳолатҳои ногуворе, ки дар зиндагӣ дучор меоем, мудҳиштаринаш сӯхтор мебошад. Сӯхтор на танҳо ба молу мулк, балки ба ҳаёти инсонҳо низ зарар расондааст. Мувофиқи маълумоти идораи вазъиятҳои фавқулодаи ҷумҳурӣ маълум мегардад, ки 7,9 фоизи сӯхтор дар натиҷаи бепарвоӣ нисбати фарзандон рух додааст. Новобаста аз якчанд маротиба огоҳонидани ходимони назорати профилактикаи бехатарӣ аз сӯхтор дар маҳалла, муассисаҳои томактабию мактабӣ ҳолати ба сӯхтор алоқамандии бачагони хурдсол қайд мегарданд. Ҳолатҳое содир гаштаанд, ки бонувон плитаи газро хомӯш нокарда, хурдсолонро танҳо гузошта, бо баҳонаи чизхарӣ ба дукон ва то бозгашт ба ҳодисаи ногувор рӯ ба рӯ мегарданд.

Аз ин рӯ, кормандони шуъбаи профилактика ва назорати сӯхтори «Маркази маърифат»-и шаҳри Тошканд ба роҳбарони маҳаллаҳо, муассисаҳои таълими мактабию томактабӣ, махсусан, падару модарон муроҷиат менамоянд, ки ба фарзандони худ боэътибор бошанд, нагузоранд, ки онҳо аз бепарвоии волидон маҷруҳ ё нобуд шаванд.

**Мухтор ХАСИМОВ,**
**инспектори шуъбаи ташкилии таъмини бехатарӣ аз сӯхтори «Маркази маърифат»-и пойтахт.**

Ба ифтихори 100-солагии «Овози тоҷик»

# «ОВОЗИ ТОҶИК» – МИНБАРИ БАЛАНДИ МИЛЛАТ

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).

Ин ҷарида, вақте ки интишор ёфт, нашири афкори Кумитаи фирқаи вилоятӣ ва Кумитаи иҷрои вилояти Самарқанд буд. Баъд аз ташкил ёфтани ҷумҳуриятҳои миллӣ аз аввали соли 1925 ин ҷарида нашири афкори Бюрои ташкилоти фирқаи иштирокиюни Тоҷикистон ва Кумитаи Инқилобии Марказии Тоҷикистон буд. Тоҷикистон мехост, ки идораи ин ҷаридаро ба Душанбе кӯч диҳад. Баъзе аз тоҷикони ин ҷо аз Кумитаи Инқилобии Марказии Тоҷикистон илтимос карданд, ки идораи ин ҷарида дар Самарқанд монад, то барои умумии тоҷикони Осиёи Миёна хидмат кунад. Ба муҷиби ин илтимос Кумитаи Инқилобии Марказии Тоҷикистони мухтор қарор дод, ки идораи ин ҷарида дар Самарқанд бимонад ва дарҷи ин ҷаридаро Ҷумҳурияти Ўзбекистон таъмин кунад. Дар ҳақиқат он қарордодро Кумитаи иштирокиёни марказии Ўзбекистон қабул кард ва аз якуми моҳи апрели соли 1925 то ба ин дам ба роҳбарӣ ва таъмини Ўзбекистон ин ҷарида давом кард. Мо умедворем, ки дар оянда ин ҷаридаи мо ба тараққиёти олӣ ноил шавад. Зеро ки дар ин муддати андак тоҷиконро хеле аз хоб бедор кард, ки дар Душанбе ҳам ҷаридаи «Бедории тоҷик» қадам ба доираи интишор гузошт». («Овози тоҷик», №100 аз 6 сентябри с. 1926).

Ҳамин тариқ, идораи нашрия дар қароргоҳи нашрияи ўзбекии «Зарафшон» таъйин гардид ва дар таърихи 25-уми августи с. 1924 нахустнашрияи миллии тоҷикон бо унвони «Овози тоҷик» (то шумораи нуҳум бо номи «Овози тоҷики камбағал») аз чоп баромад. Агар мардуми шаҳрнишин аз чӣ будани рўзнома воқиф бошанд, канортар аз он иттилоъ надоштанд. Бо мақсади муаррифии рўзнома дар саҳифаи аввали шумораи 1-ум навиштаи устоди бузургвор Садриддин Айнӣ «Қавми тоҷик ва рўзнома» ва мудири масъул Абдулқайюми Қурбӣ «Ҷарида чист?» ҷой дода шудааст. Баҳои ба рўзнома додаи устод Айнӣ машҳур асту ҳоҷат ба такрор надорад, аммо Абдулқайюми Қурбӣ мегўяд: «Кадом қавме, ки ба лафзи худ ҷарида дорад, албатта, кораш дар тараққӣ аст, кадом қавме, ки ҷарида надорад, гунг аст, кар аст, бехабар аз авзои замон аст».

Дигар аз равшанфикрони давр ва ҳамкори доимии рўзнома Асадуллоҳи Кошонӣ низ бо робита ба ин дар мақолааш «Мужда ва табрик» менависад: «Рўзнома забони миллат аст. Ҷарида оинаи ҷаҳоннамост. Рўзнома муниси бекасону додраси мазлумон аст. Ҷарида мояи ҳушёрӣ ва боиси бедории халқ аст». («Овози тоҷик», №7 аз 6 сентябри с. 1924).

Нашри ягона рўзномаи тоҷикиро натанҳо тоҷикони қаламрави Иттифоқи Шуравӣ, балки кулли ҳамзабонони бурунмарзӣ низ бо хушҳолӣ ва дилгармӣ истиқбол намуданд. Дар андак муддат робита ва табодули мавод миёни идораи «Овози тоҷик» ва рўзномаҳои форсизабони берунӣ чун «Ҳаблулматин» (Ҳиндустон), «Ситораи Ирон», «Шафақи сурх», «Садои Шарқ», «Фикри озод», «Тўфон», «Пайк», «Чаман», «Фарҳанг» (Эрон) ва ғайра ба роҳ монда шуд: «Нигоҳ ба маълумоти мухбирони мо дар Эрон рўзномаи «Овози тоҷик» даст ба даст дар миёни ранҷбарон хонда мешавад. Ба зудӣ ин рўзнома ҳам бо пучта ва ҳам даст ба даст дар он кишварҳои форсизабон нашр (паҳн) ва дар рўзномаҳои Эрон аз рўзномаи «Овози тоҷик» таърифу тақризҳо навишта шуд». («Овози тоҷик», №100 аз 6 сентябри с. 1926).

Дар саҳифаҳои «Овози тоҷик» маводи зиёде интихобан аз ин рўзномаҳо низ ба табъ мерасид ва билъакс.

Як нуктаи ҷолиб он аст, ки ҳамон солҳо яҳудиҳо дар тоҷикӣ кардани таълим ва кушодани мактабҳои нави тоҷикӣ аз хеш саъю талош нишон доданд. Фаротар аз ин барои худ ба забони тоҷикӣ рўзномаҳою маҷаллаҳо таъсис доданд: «Дар ин рўзҳо дар тахти мудирию муҳарририи рафиқ Сайидзода, вакили миллати яҳуд рўзномаи тоҷикӣ бо хати яҳудӣ (ибрӣ) ба номи «Рушноӣ» дар шаҳри мо (Самарқанд) ба интишор қадам гузоштаву то кунун 3 шумораи он нашр шудааст. Ин шумора дорои чаҳор саҳифа буда, ҳозир ҳафтае як бор нашр мешавад. Бародарони яҳудии мо, ки ба сабаби надонистани хати арабӣ аз хондани рўзномаи форсӣ маҳрум буданд, инак ба нашри ин рўзнома метавонанд аз олами матбуот огоҳ бошанд. Мо рафиқ Сайидзодаро, ки чандин ҳазор писарони моро аз маҳрумияти матбуот халос намуда, ба ишон имкон дод, ки аз тадбиру қарорҳои ҳукумати ранҷбарон хабардор гарданд, ба ин хизмати муҳим табрик намуда, давоми ин рўзномаро хоҳонем. Миллати тоҷик ҷой дорад ифтихор кунад, ки имрўз бо нашри рўзномаи «Рушноӣ» дорои се рўзнома гаштааст. Албатта, тоҷиконро пас аз баланд кардани «Овоз» (манзур рўзномаи «Овози тоҷик»)-и худу «Бедор» (рўзномаи «Бедории тоҷик») кардани хуфтагон, барои фарқ додани роҳро аз чоҳ «Рушноӣ» ҳам лозим буда. Имрўз хушбахтона, миллати тоҷик ба он ҳам ноил шуд. Аз баракати вуҷуди Ҳукумати Шуроӣ дар миёни мо тафриқаи иронӣ, афғонӣ, ҳиндӣ, тўронӣ ва яҳудӣ набуда, балки фақат миллати бузурги форсу тоҷик мавҷуд аст, ки ҳамагӣ ба забони ягона сухан мегўянд». (Рустоӣ. «Рўзномаи тоҷикӣ бо хати яҳудӣ». («Овози тоҷик», аз 10 декабри с. 1925, №72).

Бо нашри нахустшумораи «Овози тоҷик» миллати тоҷик соҳиби беҳтарин василаи муаррифии хеш шуд. Аз шумораи дуюми рўзнома сар карда, садои ў бо робита ба таъсиси мактабҳои тоҷикӣ, таълими тоҷикӣ, таҳияю нашри китобҳои тоҷикӣ, ҳифзи забону таъриху фарҳанг ва марзу буми аҷдодӣ баланд гардид. Аз ин ки сари вақт маблағгузорӣ намешуд, бӯҳрони молӣ ҳамеша рўзномаро таҳдид мекард. Ҳамин буд, ки он ҳафтае як маротиба ва бо теъдоди ҳамагӣ 2 000 нусха аз чоп мебаромад. Ҳол он ки мувофиқи маълумоти омор, тавре дар боло ишора шуд, нуфузи тоҷикон наздик ба ду миллион нафарро ташкил медод!

«Аз сабаби он ки мошина ва ҳуруфот ба нашри рўзномаи «Зарафшон» ва маҷаллаи «Машраб» (нашрияҳои ўзбекӣ) банд буд, рўзномаи «Овози тоҷик» натавонист сари вақт ба нашр расад». («Овози тоҷик», №18 аз 25 феврали с. 1925).

«Дар шумораҳои собиқ аз хусуси бепулӣ ва тангии аҳволи ҷарида навишта будем. Бино ба ҳамон сабабҳо (нашри) ҷаридаи мо боз таъхир шуд. Бинобар он, ин шумораро ба шаш саҳифа баровардa шуд, то ки ба ҷойи ду шумора равад». («Овози тоҷик», №46 аз 26 июни с.1925).

«Ба сабаби кўчидани матбааи рўзномаи «Овози тоҷик» аз ҷойи худ ба хонаи дигар ва табъ намудани тезисҳои Анҷумани дуюми фирқаи иштирокиюни Ўзбекистон (дар дигар рўзномаи ўзбекӣ) рўзномаи мо чанд рўз таъхир карда, ва чанд рўзи дигар ҳам таъхир хоҳад кард. Лиҳозо аз хонандагони ҷарида маъзарат мехоҳем». («Овози тоҷик», №70 аз 19 ноябри с.1925).

«Имрўз ҷашни қадам ба соли савум гузоштани ин ҷарида аст, вале шумораи он акнун ба сад расида. Чаро кам мунташир шудааст? Маълуми хонандагони ҷарида аст, ки мо доим аз хусуси бўҳрони молии ҷарида шикоятҳо мекардем. Сабаб ҳамон аст».

(Давом дорад).

**Сироҷиддин ИКРОМӢ.**

*«Адабиёт ва санъат», 22 августи соли 2024, № 33.*

# «ОВОЗИ ТОҶИК» – ИФТИХОРИ ТОҶИКОНИ ЎЗБЕКИСТОН

***Рўзномаи ҳар як қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рўзнома надорад, гўё, ки забон надорад. Яъне қавми бе рўзнома мисли одами безабон аст. (С.Айнӣ.»Қавми тоҷик ва рўзнома». «Овози тоҷик» 25-уми августи соли 1924, шумораи 1).***

Агар гўем, ки ин навиштаҳои саривақтиву гаронқадри устод Садриддин Айнӣ, ки як аср муқаддам дар шумораи нахустини рўзномаи маҳбуби тоҷикони кишварамон – «Овози тоҷик» дарҷ гардида буд, имрўзҳо низ аҳамият, рўзмаррагӣ ва зарурияти худро гум накардааст, муболиға намешавад. Ба чопи нахустин шумораи рўзномаи дўстдоштаамон «Овози тоҷик» сад сол пур шуд. Ин рақам ба гуфтан осон. Сад соли мубориза барои рўйи оламро дидани ҳар як шумораи рўзнома, шабҳои дарози бедорхобӣ, норасоиҳои гуногуни ҳаётӣ ва дар оқибат ба дасти муштариён расидани газета – ин аст самараи заҳматҳои садсолаи гузашта. Сад сол аст, ки рўзнома чун ифодагари орзўву омоли мардуми тоҷики кишвар, инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии мардуми минтақаҳои тоҷикнишини ҷумҳурӣ, таҷассумгари таъриху фарҳанги ғании сокинони тоҷикзабони мамлакатамон арзи вуҷуд мекунад.

Ёд дорам, миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта дар ноҳияи мо – Косонсой, ки бештар аз 20 мактаби миёнаи тоҷикӣ фаъолият дошт, шумораи муштариёни «Овози тоҷик» хеле зиёд буд. Падари шодравонам устои дуредгар буданд. Гарчанде маълумоти миёнаи нопурра доштанд, ба рўзномаю маҷаллаҳои гуногуни онвақтаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла, рўзномаи «Овози тоҷик», ки он солҳо «Ҳақиқати Ўзбекистон» ном дошт, ҳатман обуна мешуданд. «Ин газета барои нигоҳ доштани забонамон ёрӣ мерасонад. Барои ҳамин, албатта, ба ин рўзнома обуна шавед», – мегуфтанд қиблагоҳам.

Ҳамон солҳо бо кўшишу эҳтимоми мухбири онвақтаи рўзномаи «Ҳақиқати Ўзбекистон» дар водии Фарғона, журналисти боистеъдод, шодравон Султоналӣ Исмоилов, ки аксарият бо эҳтиром Исмоилзода мегуфтанд, дар шаҳри Косонсой, дар бинои поликлиникаи марказӣ қабулхонаи ҷамоатии рўзнома ба фаъолият шурўъ карда буд. Вазифаи мудири қабулхонаро дар асоси ҷамоатӣ, муаллими забону адабиёти тоҷики мактаби миёнаи рақами 4-уми шаҳри Косонсой, баъдтар хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Наманган Пўлодҷон Қаҳҳоров адо мекарданд. Дар натиҷаи фаъолияти пурсамари ин шахси бомаърифату ташкилотчӣ сафи муштариёни рўзнома хеле афзуда буд. Он солҳо мухбирони ҷамоатии рўзнома низ бисёр буданду навиштаҳои шогирдонаш онҳоро устод бодиққат аз назар гузаронида, ислоҳ намуда, ба рўзнома ирсол мекарданд.

Алҳол бинобар ихтиёрӣ шудани обуна ба рўзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуриву маҳаллӣ, ҳамчунин рушду инкишофи технологияҳои замонавии дастраси ахбору навигариҳои дунё (шабакаи интернет, компютер, смартфону телефонҳои мобилӣ) шумораи обуначиёни рўзномаҳо хеле кам шуд. Ихтисоршавии шумораи мактабҳои тоҷикзабони ноҳия бинобар сабабҳои объективию субъективӣ низ сабаби кам шудани шумораи рўзномахонон гардид. Лекин новобаста ба ҳамаи ин ҳолатҳои болоӣ гурўҳи калони фидоиёни рўзнома то ҳол ба нашрияи дўстдоштаамон обуна мешаванд. Як саҳифаи рўзномаи ноҳиявии «Косонсойнома» новобаста ба муаммову мушкилиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ то ҳадди имкон ба забони тоҷикӣ чоп мегардад. Умед аст, ки муштариёни доимии рўзнома ба нашрияҳои дўстдоштаи худ «Косонсойнома» ва «Овози тоҷик» барои соли оянда низ обуна мешаванд.

Зотан, ҳар ду рўзнома тарғибгару нигаҳдорандаи забони тоҷикӣ мебошанду барои наслҳои оянда чун манбаи омўзиши забони модарӣ хидмат мекунанд.

Аз фурсат истифода бурда, тамоми кормандон, ҳайати таҳририяи рўзномаи маҳбубамон «Овози тоҷик» ва муштариёни садоқатманди онро бо таҷлили садсолагии таъсисёбии газета муборакбод менамоем. Ба кормандону ходимони сершумори ҷамоатии рўзнома саломатӣ ва комёбиҳои нав ба нав орзумандем.

**Абдулвоҳид НУРИДДИНОВ,**
**узви Иттиҳодияи журналистони Ўзбекистон.**
*Вилояти НАМАНГОН.*



*Оби шифобахши деҳаи Қизилтепаи ноҳияи Олтиариқ хеле машҳур аст. Соҳибкор Фурқат Абдураҳимов барои коркарди ин об корхона таъсис дод. Пайи ин кор 2 миллион доллар сармоя харҷ гардид. Корхонае, ки метавонад соате 6 ҳазор дона зарфи шишагии об барорад, 25 нафарро ба кор таъмин намуд.*

*Шишаҳои оби менералӣ ва шифобахш, ки таҳти бренди «Obi hayot» истеҳсол мегарданд, ҳоли ҳозир ба тамоми гўшаву канори мамлакат фиристода мешаванд.*

***Шабакаи ҳокимияти вилояти Фарғона.***

# ШАТРАНҶ: НОМ ВА ТАРЗИ ҲАРАКАТИ МУҲРАҲОИ ОН

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

## ВОЖАҲОИ ШАТРАНҶ

Ваҷҳи дуюм, ки шатранҷ аз тафаккури аҷдоди мо падид омада, сохту маънои вожаҳои он аст, ки тақрибан ҳама форсии тоҷикиянд. Чунончи, «шатранҷ» – ин вожа арабишудаи «шатранг» ё «чатранг»-и порсист. Мураккаб аз ду бахш чатр, чатур (сатур) ба маънойи «чаҳортойӣ» (имрўза дар забони вахонӣ «цбыр», шуғнӣ «цавор», паштунӣ «салур», русӣ «четыре» ба маънои «чаҳор») ва «анг» ё «ҳанг» ба маънойи радиф ё даста омадааст, яъне маънои шатранҷ – чаҳордаста.

Шоҳ – асоситарин муҳраи шатранҷ, порсӣ, решаи қадими он «хишойасия» (шоҳи шоҳон). Аммо шоҳ дар санскрит «нарпотӣ» ва ба ҳиндию дигар забонҳои наздик ба он «роҷо» гуфта шудааст ва шоҳаншоҳ – маҳороҷо. Дар ҳоле ки ҳиндиҳо боройи шоҳи шатранҷ ҳамон вожайи порсийи шоҳро ба кор мебаранд. Ва чи дар Ҳинд ва чи дар дигар кишварҳои олам ба ин муҳраи шатранҷ (ба забони форсӣ) шоҳ гуфта шудааст.

Вазир – аслан фарзин аст ва ин вожа миёни тоҷикони Осиёи Миёна маъмул мебошад. Дар «Бурҳони қотеъ» ба гунаи «фирз» омадааст ва дар порсийи бостон ин вожа «ферж»,«ферз» ё «фирзон» гуфта шудааст. Пай бурдан душвор нест, ки вожаи вазир аз ин иқтибос аст. Фарзин яъне – вазир. Арабҳо ба он ал-фарз, русҳо ферз гўянд. Ва сарбоз вожаи ройиҷ нест, балки дурусти он пиёда аст, ки дар русӣ пешка мегўянд, арабҳо онро байдақ (гунаи арабишудаи ҳамон «пиёда»-и тоҷикӣ мебошад), гўянд. Вожаҳои «мот» ва «пот» низ порсиянд. «Очмаз» дуруст аст, ки туркист, аммо гунаи порсийи он «аруб» мебошад, ки акнун маъмул нест.

Чун шатранҷ пас аз фатҳи императории Сосониён аз ҷониби арабҳо дар саросари ҷаҳони ислом роиҷ шуд, эрониён ва арабҳо аз асри IX Аврупо ва Русияро ба ин бозӣ ошно карданд. Ба ҳамин далел, дар аксар забонҳои аврупоӣ номи ин бозӣ аз вожаи форсии «шатранҷ» аст, ё «шоҳ» (муҳраи аслии бозӣ) ва номи бештари муҳраҳо ҳам баргирифта аз номҳои форсии онҳост. Баъдан дар Аврупо равиши ин бозӣ тағйир ёфт ва ҷолибу ҷаззобтар гардид.

## ШАТРАНҶ ДАР ТАЪРИХУ АДАБИ ФОРСӢ

Таҳқиқоти бостоншиносон ва ёдгориҳои хаттӣ гувоҳ бар онанд, ки шатранҷ дар сарзамини мо пешинаи пурравнақе дошта, аҳди Темуриён хеле муравваҷ будааст. Дар илму адабу таърихи классикии тоҷикон ба таври фаровон ёдоварӣ шудааст. Адибони форсигўй аввалин муаллифонеанд, ки аз диди илмию мантиқӣ ва адабӣ дар боби шатранҷ асар офаридаанд. Ба таври намуна Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» аз шатранҷ сухан мегўяд, Абуалӣ ибни Сино ҳам рисолае оид ба шатранҷ тасниф намуда, ки мутаассифона, то замони мо нарасидааст. Бино бар маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, донишманд ва шатранҷии тоҷик Абулфатҳ ибни Аҳмади Санҷарӣ (асрҳои 11–12) асаре дорад бо номи «Китобу-ш-шатранҷ» (а. 12) – ҳамчун донишномаи махсуси шатранҷ ва ин китоб 300 мансуб (аксари онҳоро ҷамъ оварда ва бархеро низ ў худ таҳийя кардааст) ва даҳ кушоиш ё худ дебюти мухталиф ва низ гуфторҳои гуногун перомуни шатранҷ, дар боби пайдоиши бозӣ ва амсоли инро дар бар гирифтааст, ки баёнгари авҷи санъати шатранҷ дар Мовароуннаҳр мебошад.

Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, нависандаи «Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ул-ъуйун» (таълиф 1342), як боби асари худро ба улуми малоъиб ё бозиҳо бахшида, аз ҷумла перомуни шатранҷ нуктаҳои муҳим меорад ва ба тафсил, бо тасвирҳову ҷадвалҳои бисёр гўё, ба муаррифии он пардохтааст.

Ва шояд нахустин бузургустод ва нахустин қаҳрамони мо Алоуддин Алии Шатранҷии Табрезӣ (дар қарни XIV) бошад, ки ў, бинобар маълумоти қомусҳои муътабар, дар императории Темури Курагон ҳарифу ҳамтое надошта, асаре перомуни шатранҷ низ таълиф кардааст. Амир Темур худ шавқманди шатранҷ будааст ва исми фарзанди хешро аз як вожаи шатранҷ – «шоҳрух», баргузидааст. Сиёсатмадорони номдор, аксари бузургони илму ирфону адаби порсӣ дар тули ҳазорсолаҳо шатранҷро ба хубӣ медонистаанд ва дар осори илмию адабии хеш аз вижагиҳо ва тарфанду вожаҳои он фаровон истифода кардаанд.

Пас аз даврони Темури Курагон таъассуби мазҳабӣ ва ҳам рукуди маънавӣ боис гаштааст, ки дар Мовароуннаҳр равнақи шатранҷ бикоҳад. Бо вуҷуди ин, дар баъзе аз мадарасаҳо, ба вижа дар ҳавзаи Ҳинд, илми шатранҷ тадрис мешуд ва бузургони мо ҳамоно ин шуғлро фаро мегирифтанд. Ҳатто дар осори охирин классикони адаби мо – Аҳмади Дониш ва Нақибхони Туғрал (асрҳои XVIII-XIX) шатранҷу истилоҳоти он устодона кордбурд шудааст, ки гувоҳи донишу иштиёқи амиқи донишмандону соҳибназарон ба ин ҳунар аст.

(Давом дорад).

**Обидҷон ШАКУРЗОДА.**

*Хайриддин СУЛТОН*

# ҲАМСАРИ АДИБОН

(Охираш. Аввалаш дар шумораи гузашта).

Якаш ду шуда ва бой шуда рафтани шоир ё нависанда амри маҳол. Эҷодкор фақат аз ҷиҳати маънавӣ бой шуданаш мумкин. Дар асл ба вай бойигарии дигар лозим ҳам нест. Лекин, тавре рафиқ Ленин гуфтааст, «Дар ҷамъият зиндагӣ карда, аз ҷамъият дур шудан мумкин нест». Дар ин гуна соатҳо кӣ будашро нишон дода, нобудашро панаҳ мекунад, рўзгорро то имкон будан часпондаву дўхта, дандон ба дандон гузошта тоқат мекунад, ба шавҳари ба қаъри сукунат ғарқаш таскину тасаллӣ дода ва умед мебахшад?

Албатта, онҳо ҳамсарҳои адибон, ки ба тақдир тан дода, бори рўзгору тарбияи фарзандро бо кулли ташвишу машаққаташ ба дўш бардошта, бо шукрона умр ба сар мебаранд.

Дар юбилей ба муносибати бо унвони «Қаҳрамони Ўзбекистон» мукофотонидашавии Абдулло Орифов ўро табриккунон Эркин Воҳидов чунин лутф карда буд: «Ба қаҳрамонӣ баробар бо Абдуллоҷон Ҳанифахон ҳам муносиб».

Албатта, ин суханонро нисбати рафиқаи шоири Қаҳрамони мо Эркин Воҳидов Гулчеҳраапа Воҳидова низ гуфтан мумкин, ки ба наздикӣ аз дунё реҳлат намуд.

Ба эҷодкор ҳамсар шудан боз дигар тарафҳои зиёди ранҷовар дорад.

Аз рўи инсоф гўед, образи маҳбуб, ки шоир ё нависанда сўхтаву пухта меофарад, дар навбати аввал рафиқаҳои онҳоро безобита сохта ва ба оташи рашк намеафканад? Тасвири сирноки соҳибҷамолҳо, ки ба киҳоеро ба ёд оварданаш мумкин, дили онҳоро бозӣ намекунонад? Нома ва СМС-ҳои тагдори аз мухлисаҳои маккора ва «шогирдка»-ҳо расида-чӣ? Вақту бевақт сим зада, ба вохўриҳо даъватсозии телерадиохунумҳо низ оё беғараз аст?

Ҳамсарони бечораи адибҳо дар оташи ҳамин гуна шубҳаю гумонҳо сўхта, байту ғазал, қисса ва романҳои шавҳарони худро гашта-баргашта тафтиш менамоянд.

Баъзан фикр карда мемонам: Алишер Навоӣ бинобар ба ягон зани рўи замин ин гуна қисмати басо вазнинро раво надиданаш ё худ ба «табиати бисёр нозукаш» бардошт карда натавонистани ягон занро фикр карда, хонадор нашуда гузашта бошад, эҳтимол?

Ба ин саволи риторикиам баъзе аз дўстон: «Алишер Навоӣ зани асабро суҳон мекардагӣ надошт, барои ҳамин ҳам он зот ба дараҷаи шоир ва мутафаккири бузург расид», гуфта ҷавоб доданашон ҳам мумкин. Балки...

Лозим меояд таккрор кунам, ба эҷодкор ҷуфти ҳалол шудан – ин имтиҳони дар дунё сахттарин. Аз ин санҷиш гузаштаҳо ҳастанд, нагузаштаҳо ҳастанд. Ба ин гуна машаққатҳои бемисл тоб оварда натавониста, занҳоеро ҳам дучор кардаем, ки аз баҳри шавҳар бaромадаанд. Эҳтимол онҳо баъдтар аз карда пушаймон шуданд, эҳтимол бинобар он ки аз ғурбати умрона халос хўрданд, мамнун гаштанд – акнун инаш барои мо торик.

Ба эҷодкор мухлис шудан, ба шеъри ў маҳлиё гаштан, дастгирӣ кардаву қарсак задан – дигар масъала, дар пайроҳаҳои ноҳамвори рўзгор бо ў қадам задан ва аробаи зиндагӣ кашидан – куллан масъалаи дигар аст. Ин қисматест кам одам бардошт мекунад. Қисматест, ки дар тақдири азал ба ҷабин сабт шудааст. Барои дарки ин зан аз модар бояд оқила таваллуд ёбад.

Дар давраҳое, ки ба адабиёт нав қадам мениҳодем –солҳои ҳафтодуми қарни гузашта ба ҳаёт ва тарзи рўзгори бародарони ҳамқалами аз мо як-ду кўрта пештар даронда нигариста, баъзан ҳайрон мешудем.

Тасаввур кунед, як гурўҳ қаламкашони ҷавони нимсеру нимгурусна ба хонаи яке аз ин гуна бародарзодаҳо меҳмон шудем. Мусоҳиба, мушоира ва гуфтугўҳои дилкаш гоҳо то нисфи шаб давом мекард. Зани соҳиби хона бо чеҳраи кушод ва табассуми нарм хидмат мекард, мондашавиро намедонист. Чойҳои гарму хунук тамом мешуд, суҳбат охир надошт.

Яке аз бародарони мо аз ҷо мехест ва мегуфт: «Рафтем, дар хонаи мо давом медиҳем». Нисфишабӣ ба манзили вай мешитофтем.

Аз меҳмони ногаҳонӣ, аниқтараш «зер карда даромадани мо» янгаҳоямон малўл намешуданд, баръакс, ба ҳар кадоми мо алоҳида илтифот нишон дода, зуд дастархон мекушоданд.

Барои мисол, дар ёдам ҳаст, раҳматӣ Машраб Бобоев бемаҳалие моро ба хонааш бурд ва ба янгаамон Райҳонапа «кулчатой андоз» гуфт. Янга ҷигот наандохт,- баръакс, зуд суфра густурд, аз пайи таомпазӣ шуд. Ин гуна ҳолат баъдҳо низ такрор мегашт. Суҳбат то рўз давом мекард, дар хонаи соҳибхонаҳои манзилашон тор, аммо дилашон васеъ баъзеҳо хоб ҳам мерафтанд.

«Янгаҳои адабӣ»-амон, ҳарчанд намояндаи дигар касб ё соҳибхоназан буданд, мо, навқаламони касе намешинохтагиро ном ба ном мешинохтанд.

Ба ин гуна занҳои аҷиб, ки нону намак ва меҳри худро дареғ намедоштанд ва ҳамеша хайрхоҳ буданд, ба як даҳон раҳмат гуфтан фурсат... аниқтараш, фаросат надоштем. Имрўз ба остонаи мўйсафедӣ қадам ниҳода, баъде талхиву ширинии ин дунёи амонату ғаниматро кам ё зиёд чашидам, сӣ-чиҳил сол дертар бошад ҳам, бо ҳурмат ва миннатдорӣ ба забон овардани номи ҳамин гуна янгаҳо ва апаҳои меҳрубонамро вазифаи инсонии худ меҳисобам.

Муборак Фозилова (ҳамсари Носир Фозилов), Юлдуз Аъзамова (рафиқаи Эркин Аъзам), Раъно Азимова (зани Усмон Азим), Манзура Раҳмонова (ҷуфти ҳалоли Шавкат Раҳмон), Гавҳар Норматова (рафиқаи ҳаётии Нодир Норматов)...

Ин рўйихатро боз давом додан мумкин.

Лозим мешуморам аз хотираҳои журналист Юсуф Файзулло дар бораи Ўткир Ҳошимов як парча оварам:

«Рўзҳои аввали тавассути нашриёти «Ўзбекистон» ба чоп расидани «Тавбаи аждар» ном китоби ҳаҷвии адиб буд. Чаҳор дона китоби барои муаллиф ҷудошударо гирифта, ба хонаи ака равон шудам.

Хурсандии эҷодкорро баъди нашри китобаш онҳое, ки аз сар гузарондаанд, нағз медонанд. Устод баъде бо мамнуният китобро варақ зад, ба якеаш бахшида ба модари марҳумаш дастхат навишт ва дар ҷевони алоҳида гузошт (ба ин одати дерини ў бисёр гувоҳ шудаам).

Китоби дувум ба сифати шодиёна бо дастхати «Ба бародари ҳазорсолаам Юсуфбек» ба ман насиб кард.

Дар ин байн Ўткирака ба Ўлмасхонапа чанд бор таъин кард, ки шоир таом нахўрда наравад. Апа, ки дастархон меоpост: «Вой-вой, ин бачаатон магар ягон бор таом нахўрда рафтагимӣ худаш», гуфт ҳазломез ва яке аз китобҳоро ба дасти худ гирифт.

– Додош, – гуфт гилаомез, – шумо ба ҳама бо дастхат китоб туҳфа кардаед. Лекин ба ман бо соядаст ягон китоб надодаед.

Вай чунин гуфт ва сўи ошхона рафт. Ака бошад ба нуқтае андешаманд нигариста монд. Сонӣ ба ман рўй овард.

– Фикр кунам, аз ростӣ ба янгаат ягон китоб туҳфа накардаам. Биёед, ин хаторо дуруст карда монем.

Ба ҳамин тариқ, ба китоби сеюм дастхати навбатӣ сабт гардид:

«Бо аждаҳое чу ман барои бо сабру тоқат ва матонат зиндагӣ карданат ҳазор ташаккур. Муаллиф: Аждар Ҳошимов».

Албатта, ин як лутфи ба адиби зарофатгўи мо хос. Айни замон, агар гўем, ки ин эътирофи мардона ва эҳтироми бузург аз номи ҳазорон шоиру нависандагони давраи мозӣ, ҳозира ва оянда ба шаъни ҳамсарони онҳост, фикр мекунам, хато намешавад.

Дар арафаи 8 марти соли 2019 дар қатори ҳамсарони як гурўҳ адибону олимони барҷаста ба мукофоти баланди давлатамон тақдиронда шудани Марям Ёқубова (ҳамсари Одил Ёқубов), Шарофат Қўшбоева (рафиқаи Озод Шарофиддинов), Гулчеҳра Воҳидова (рафиқаи ҳаётии Эркин Воҳидов), Ҳанифа Мустафоева (ҳамсари Абдулло Орифов), Ўлмасхон Ҳошимова (рафиқаи Ўткир Ҳошимов), Назира Саломова (завҷаи Муҳаммад Юсуф) кори адолатноке буд.

Як вақтҳо шоир Муҳаммад Юсуф навишта буд: «Занҳои ўзбек барои тоқат офарида шудаанд». Имрўз ин суханонро андак тағйир дода: «Ҳамсари адибҳо дар асл аз бардошт офарида шудаанд» гўем, муқобилон ҳастанд? Не. Бетарафҳо? Не. Бо як овоз қабул карда шуд.

**Аз китоби «НАВОӢ-30» тарҷумаи Муҳаммад ШОДӢ.**

*22 сентябр – Рӯзи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

*Рустами ВАҲҲОБ*

# ВАРО БУЗУРГИВУ НЕЪМАТ ЗИ ОЛИ СОМОН БУД

Пардохтани ривоёт ба хотири боз намудани азамат ва шукӯҳи неруи халлоқаи табъи суханварон ва нуфузи сухани эшон як таҷрибаи бисёр дерин будааст, ки танҳо ба адабиёти форсу тоҷик маҳдуд ва махсус намегардад, балки ин шева дар адабиёти соири милали ҷаҳон ривоҷи тамом доштааст.

Мусаллам аст, ки дар ин миён шуҳрати бештаринро ривояти марбут ба қасидаи маъруфи Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо матлаъи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ва мутаассир гардидани Насри Сомонӣ аз он ба худ ихтисос додааст. Шуҳрати ин ривоят дар миёни хосу ом моро аз иқтибоси он бениёз мекунад. Ҳоло бубинем, ки то чи ҳад ин ривоят аз пойдевори воқеият бархурдор аст:

– Рӯдакӣ тавонотарин шоири аҳди худ аст ва ояндагон низ устодии эшонро бар худ мусаллам донистаанд.

– Рӯдакӣ то замони ба узлат афтодан суханвари (ва низ хонанда) дараҷаи аввали хонадони Сомониён будааст, пас шеъре нофизтар аз шеъри (ва суруди) ӯ барои Сомониён набудааст. Шеъре ки танҳо мадҳ нест, балки панд ва роҳнамоӣ ҳам ҳаст.

– Рӯдакӣ аз бастагони дарбори Сомониён ва дар сафару ҳазар бо эшон будааст.

– Бухоро қиблаи муҳаббате аст, ки ҳам Рӯдакӣ ва ҳам Сомониён яксон ба он рӯй меоранд ва тасаввури дигаре дар ин миён муҳол аст.

Бештар аз ҳамаи инҳо, ки гуфта шуд, ситоиши Рӯдакӣ аз амирони Сомонӣ, бавижа Наср бинни Аҳмади Сомонӣ, бо маддоҳии шоирони дигар қобили муқоиса нест. Ин ситоиши ростин ва ифтихоромезе аст, ки Рӯдакӣ онро ба хотири сила, дар баҳои динору дирам накарда, балки аз неъмати Сомониён бидуни он ҳам бархурдор аст ва онро чун як амри воҷибе, ки ба ҷой овардани шукри неъмати аз пеш мабзулшуда аст, медонистааст:

*Воҷиб набувад ба кас бар афзолу карам,*
*Воҷиб бошад ҳаройина шукри ниъам.*
*Тақсир накард хоҷа дар новоҷиб,*
*Ман дар воҷиб чӣ гуна тақсир кунам?*

Рӯдакӣ худ муътақид аст, ки ончи мегӯяд бофтаву пардохта нест, тасаннуъу тафаннун нест, балки айни воқеиятро мегӯяд:

*Ман ончи мадҳи ту гӯям дуруст бошаду рост*
*Маро ба кор наёяд сирешиму кабдо.*

Рӯдакӣ, ки худ шахсан ва қалбан саршор аз ифтихори таърих ва фарҳанги шукуҳманди дерини миллати худ аст, Насри Сомониро ба он хотир меситояд, ки:

*Рустамро ном агарчи сахт бузург аст,*
*Зинда бад-ӯяст номи Рустами Дастон.*

Аз нигоҳи шеърӣ шояд муболиғa ба назар мерасад, вале оё ин рост нест, ки маҳз салтанати Сомониён, сиёсат ва фарҳанги сомониён боиси зиндагии дубора ёфтани Рустами Дастон – бошукуҳтарин ва ҷомеътарин мазҳар ва намоди қудрати заволнопазири паҳнаи Ориё гардид? Яъне Рӯдакӣ рост мегӯяд, ки рост мегӯяд ва рост мегӯяд ки:

*Гуфт надонӣ сазош, хезу фароз ор,*
*Он-к бигуфтӣ чунон-к бояд натвон.*

Баландтарин ва мухлисонатарин бонги сипос ва ифтихори устод Рӯдакӣ аз хонадони Сомониён аз қасидаи маъруф ба «Шикоят аз пирӣ» ба гӯш мерасад:

*Киро бузургиву неъмат зи ину он будӣ,*
*Варо бузургиву неъмат зи Оли Сомон буд.*

Яъне устод Рӯдакӣ на аз худи он бузургиву неъмат, балки аз масдари олии он, ки хонадони Сомониён аст, ифтихор мекунад. Он гуна ки дар мақоли содаи мардумӣ гуфта шудааст: «Хокро бигирӣ, аз хоктеппаи баланд бигир». Ин замонест, ки дигар қудрате ончунонӣ аз салтанати Сомониён боқӣ намонда, то Рӯдакӣ, филмасал, ба тамаъ ё эҳсоси тарс онро биситояд. Аз сӯйи дигар ин санади қотеъе аст, ки Рӯдакӣ то поёни умр аз хонадони Сомониён эҳсоси сипос ва ифтихорро доштааст. Пас ҷойи шакку тардид ҳам нест, ки касе аз ин хонадон дар ҳаққи ӯ зулм накардааст.

Беш аз ин Рӯдакӣ барои неъмат ва дороиҳое, ки аз дигарон мерасида, ҳамчунон аз Сомониён, сипосгузор будааст, чун он ба баракати ҳимояти эшон будааст, зеро пеш аз байти мазкур омадааст:

*Куҷо ба гетӣ будаст номвар деҳқон,*
*Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳумлон буд.*

Ин ҷо ногузир аст, то дар робита ба мавзӯъ аз мақолаи воқеан ҷолиби донишманди арҷманд устод Расул Ҳодизода, ки дар таҳқиқ ва интишори осори устод Рӯдакӣ хадамоти арзишманде анҷом додаанд, ёдовар шавем. Дар ин мақола («Афсона ва ҳақиқати «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён». Адабиёт ва санъат, 17 сентябр соли 2010) асосан ба истинод ба як фармудаи устоди зиндаёд Саид Нафисӣ ва як байт аз ҳамин қасидаи «Шикоят аз пирӣ» дар хусуси ривояти машҳури марбут ба ин шеър, мутаассир шудани Насри Сомонӣ аз он ва нисбати он ба амир Наср таҷдиди назар менамоянд. Он байт, ки бештар асоси ин таҷдиди назар шудааст, ин аст:

*Бидод мири Хуросон–ш чил ҳазор дирам,*
*Дар ӯ фузунии як панҷ мири Мокон буд.*

Ба назари мо ин ҷо қабл аз ин навиштаи устод Ҳодизода дар манобеъи дигар дар тафсиру тарҷума ва ҳамчунин навишти ин байт дар ибораи «як панҷ» иштибоҳ рафтааст. Баъзан чунин таъбир мешавад, ки гӯё мири Мокон панҷяки дороии худ ва дар мавриди дигар гӯё ҳашт ҳазор дирам (яъне панҷяк аз 40-ҳазор) изофа кардааст. Дар ҳоле, ки агар «фузунии як панҷ мири Мокон навишта шавад», «як панҷ» онгуна, ки имрӯз дар забони зиндаи тоҷикӣ маъмул аст, маънои «тақрибан панҷто»-ро дорад. Масалан, мегӯянд, «як даҳто» ё «ягон шашто». Ва манзури Рӯдакӣ аз «ӯ» мисли байтҳои пешин дар ин сурат метавонад худи шоир бошад, ки «ӯ» гӯё дороие (ва имтиёзе) дошт, тақрибан панҷ баробари дороии мири Мокон. Вале агар фарз кунем, ки ҳамон панҷяки чил ҳазор дар назар аст, чун дар байти баъдӣ омада, ки:

*В-аз авлиёш пароканда низ ҳашт ҳазор*
*Ба ман расид, бад-он вақт ҳол чунон буд.*

Пас бояд чунин бинависем «Дар ӯ (яъне 40-ҳазор дирам) фузунии (фузудаи) як панҷи мири Мокон буд». (Агар ин ҷо ҳам фарз кунем, ки калимаи «фузунӣ» маънои «фузуда»-ро дода метавонад. «Зиҳӣ, фузуда ҷамоли ту зебу ороро»). Вале бо таваҷҷуҳ ба мавзӯи мавриди баррасӣ муҳимтар ин аст, ки байтҳои баъдӣ ҳамоно далел бар сипосгузории Рӯдакӣ маҳз аз амир Наср аст, зеро ин ҳама ба амри ӯ ва ба риояти хотири ӯ сурат мегирифтааст:

*Чу мир дид сухан дод доди мардии хеш,*
*Зи авлиёш чунон, к-аз амир фармон буд.*

Равиши калом ва шуҳрати сарвати бисёр зиёди устод Рӯдакӣ ҳам далолат бар он мекунад, ки ин набояд силае бошад, ки барои як бор ба Рӯдакӣ расида, балки, масалан, нафақаи доимии солона бошад.

*Муносибат*

**Олмон дар байни давлатҳои аврупоӣ аз аввалин мамлакатҳоест, ки истиқлоли Ӯзбекистонро расман эътироф кард ва 6 марти соли 1992 бо кишвари мо равобити дипломатиро барқарор намуд. Дар муддати сипаришуда як қатор сафарҳои расмии сатҳи олӣ ба амал баровард мешаванд. Ҳоло ҳамкориҳои байниҳамдигарӣ дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ, технологӣ, фарҳангӣ-гуманитарӣ ва ғайра роҳандозӣ шудаанд, ки молики аҳамият мебошад.**

# ҲАМОҲАНГИИ БОВАРИИ БАЙНИҲАМДИГАРӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ФАЪОЛ

Метавон гуфт, ки Ӯзбекистон ва Олмон дар форматҳои бисёрҷониба – дар доираи СММ, САҲА ва дигар сохторҳо аз рӯйи масъалаҳои рӯзномаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҳамкории самаранок доранд. Мавқеъҳои Тошканд ва Берлини расмӣ низ дар як қатор масъалаҳо, аз ҷумла мубориза бо терроризм, ҷиноятҳои муташаккилона, савдои маводи мухаддир, инчунин, ба тартиб овардани вазъ дар Афғонистон бо ҳам мувофиқат мекунад.

Робитаҳои байнипарлумонӣ низ фаъол гардидаанд. Мубодилаи ташрифҳои ҳайатҳои парлумонии сатҳҳои гуногун ба роҳ монда шуда, робитаҳо байни гурӯҳҳои дӯстӣ ва кумитаҳои ихтисосонидашудаи парлумонҳои Ӯзбекистон ва Олмон мустаҳкам мегардад.

Ҳоло дар мамлакатамон беш аз 200 корхона бо сармояи Олмон фаъолият доранд. Ҳаҷми гардиши маҳсулот дар байни мамлакатҳо низ дар давоми панҷ соли охир бештар аз 1,5 баробар афзудааст.

Дар натиҷаи чорабиниҳои ҳамкорӣ дар ҷараёни сафари Сарвари давлатамон ба Олмон, ки дар моҳи майи соли 2023 ба амал омад, шартномаҳои тиҷоратӣ ва созишномаҳои сармоягузорӣ-технологӣ ба маблағи умумии беш аз 9 миллиард евро имзо гардиданд, ки ин аз фаъол шудани муносибатҳои дуҷониба гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин раванд афзудани таваҷҷуҳро ба мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва иқтидори сайёҳии Ӯзбекистон низ метавон мушоҳида кард. Ғайр аз ин, дар Ӯзбекистон низ шавқмандӣ ба Олмон, фарҳанг, забон, таълим ва имкониятҳои тиҷоратии он зиёд мегардад. Бахусус, ҳоло дар мамлакати мо қариб 300 ҳазор донишомӯзон забони Гёте, Шиллер ва Кантро меомӯзанд. Дар 24 мактаб забони немисӣ ба таври амиқ омӯхта мешавад. Аз онҳо 6 мактаб, ки дар Тошканд, Самарқанд, Марғилон, Фарғона, Андиҷон ва Бухоро фаъолият доранд, ҳуқуқи тақдими дипломи забони немисиро соҳибанд. Инчунин, беш аз 4000 нафар аспирант ва докторантҳои ӯзбекистонӣ дар донишгоҳҳои бонуфузи Олмон таҳсил мегиранд.

Бояд гуфт, ки ҳоло дар Ӯзбекистон қариб 5 ҳазор нафар намояндагони миллати немис зиндагӣ мекунанд. Ба онҳо барои ҳифзи анъана ва фарҳанги миллӣ шароит фароҳам оварда шудааст. Дар мамлакатамон ба шаҳрвандони мансуби миллати немис на танҳо чун қисми ҷудонопазири ҷамъияти ӯзбек, балки ба сифати пуле менигаранд, ки ду давлатро ба ҳам мепайванданд.

Боз як ҷиҳати муҳим ин аст, ки ду давлат дар муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини баробарии гендерӣ, экология ва ҳифзи муҳити зист, инчунин, дар соҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ-гуманитарӣ ва таълим ҳамкорони боэътимод ба шумор меравanд.

Аз ҷумла, бо беш аз 30 донишгоҳи Олмон робитаҳо роҳандозӣ гардида, қариб ҳазор нафар донишҷӯ, тадқиқотчиёни илмӣ ва докторантҳои ӯзбек дар донишгоҳҳо ва марказҳои таҳқиқотии бонуфузи Олмон таҳсил мегиранд.

Ҳамзамон, дар Олмон низ таваҷҷуҳ ба омӯзиши забони ӯзбекӣ меафзояд, ки боиси эътироф аст. Масалан, дар як қатор боргоҳҳои таълими олии Олмон шуъбаҳои бозомӯзии забон ва адабиёти ӯзбек мавҷуданд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки дар солҳои охир муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Олмон аз ҷиҳати сифат ба сатҳи нав – зинаи баландтари ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимод баромад. Аз ин рӯ, ташрифи расмии Канслери Федералии Ҷумҳурии Федеративии Олмон Олаф Шолтс ба мамлакати мо ва мулоқоти мутақобилан судманди сиёсӣ, фаъолсозии ҳамкориҳои бисёрҷониба, мустаҳкамшавии риштаҳои дӯстии байни халқҳои ӯзбек ва немис суръати нав мебахшад. Ҳуҷҷатҳое, ки дар доираи ташриф ба имзо расиданд, барои рушди минбаъдаи бомуваффақияти шарикии стратегӣ, ки асосашро тамоюлҳои эҳтиром ва манфиатдории байниҳамдигарӣ ташкил мекунад, пойдевори мустаҳкам мегузорад.

**Ҷаҳонгир МАМАҶОНОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис**

*Таърихи диёрро меомӯзем*

# ПУЛИ ЧОРИҚУЛБОЙ

### ё чанд сухан оиди бунёди ин ёдгории мероси маданӣ

Чориқулбой шахси таърихӣ буда, дар охири садаи нуздаҳум ва нимаи аввали садаи бистум дар аморати Бухоро умргузаронӣ кардааст. Ӯ туркман буда, сарвал хеле қашшоқона умргузаронӣ кардааст. Баъд дар дашти беканори Қизилқум дар дасти чорводоре чӯпонӣ карда, бо гузашти замон давлати беҳисоб ҷамъ намудааст. Ӯ яке аз бойҳои номбардори замонааш гаштааст, ки ҳисобу китоби мулкашро намедонистааст.

Мегӯянд, Чориқулбой вақте писардор мешавад, як ҳафтаи расо ба мардум тӯй медиҳад. Меҳмонон вақте бармегаштанд, ба онҳо яксарӣ гӯсфанд низ тӯҳфа кардааст ва донистанӣ шудааст, ки мардум аз ин рафтори ӯ розӣ ҳастанд ё на? Ӯ ба ин мақсад дар гӯшае хилват нишаста, ба суханони онҳо гӯш додааст. Азбаски бе ресмон бурдани гӯсфанд мушкил буд, одамон мегуфтанд, ки ин бойи лаънатӣ чунонам хасис аст, ки гӯсфандро доду ресмонашро надод...

Соли 1910 ба сари аморати Бухоро амир Саид Олимхон меояд. Чориқулбой аз Саид Олимхон изн мепурсад, ки ба ӯ барои сохтани мадраса рухсат диҳад. Амир ба шахсоне, ки худаш сахт бовар мекард, фармоиш медиҳад, ки онҳо бо кадом роҳ чунин соҳиби мулк гаштани Чориқулбойро омӯзанд. «Одамони амир» барои сохтани мадраса ба Чориқулбой иҷозат намедиҳанд ва судхӯрии вайро далел меоранд. Азбаски илм ҳалолиро талаб мекунад, мадраса низ аз пули ҳалол бояд бунёд карда шавад, мегӯянд онҳо.

Чориқулбой тамоми умр кӯшиш кардааст, ки барои мардум кори нек кунаду аз худаш номи нек гузорад. Ӯ дар назди Сарипул ва баромадгоҳи тарафи Рометан дар болои дарёи Зарафшон пул бунёд мекунад. Барои ин муҳандисонро аз Полша мебиёрад. Кӯпруки аввалро баъди инқилоби Бухоро болшевикон вайрон карда нест мекунанд. Пули баромадгоҳи шаҳраки Рометан бошад, 114 сол боз дар хидмати мардум мебошад, ки аз зери он оби ҳаёт ҳамоно ҷорист.

Тақдири Чориқулбой баъди инқилоби Бухоро бо фоҷеа анҷом ёфт, аз ӯ тамоми чорвояшро кашида гирифтаанд. Писараш аз ӯ рӯй гардонд ва худи ӯро банди карда, ба зиндон партофтанд.

Шӯравиён тамоми ҳафта гӯсфандони Чориқулбойро аз дашти Қизилқум ба дашти Қаршӣ кӯчонданд. Дере нагузашта, гӯсфандон ба мурдан сар карда, шӯравиён охирон аз худи Чориқулбой мадад мепурсанд. Дар ҷавоб вай мефармояд, ки барояш поруи саргини гӯсфандро биёранд. Ва инро дида мегӯяд, ки фавран ба оби гӯсфандон намак ҳамроҳ кунанд. Чаро ки оби дашти Қизилқум нисбати дашти Қаршӣ шӯр ва ин таъсири об аст.

Ҳамин тариқ, донишманди босаховат дар зиндон бошад ҳам, мулки худро, ки ҳарчанд рабуда шуда буд, аз марг нигаҳ дошт.

Дар бораи Чориқулбой ҳангомаҳои зиёд дар байни мардум ҳамоно зинда аст. Мегӯянд, чоруқи ҳангоми қашшоқиаш пӯшидаро, ки нимдарон буд, дар болои дари баромад овехта монда будааст. Ҳар вақти даро-баро ба сараш расида, аз рӯзҳои гузаштааш ёдовар мешудааст.

Ӯ боре ба дӯкони либосфурӯш даромада, нархи бахмалу алочаро мепурсад. Фурӯшанда ба либоси оддии ба бар кардаи ӯ нигариста, мегӯяд, ки «уштур ҳаммомро орзу кардааст... Бобо вай чиз хеле қимат аст. Ба қарз хушу тоб надорам...».

Чориқулбой дам назада, ҳамёни пури зарро ба пеши вай ҳаво дода, як пайтобагӣ гирифтааст ва ба пояш печонида, маҳсиашро пӯшида, боз бақияи маблағашро нагирифта рафтан мегирад ва фурӯшандаи касношинос аз қафояш тохта, бо зону афтида, тавба мекунад.

**Алимурод ТЕМИРОВ.**
*Ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро.*

**Дар театри драма ва мусиқии вилояти Сирдарё бахшида ба ифтитоҳи мавсими нави 50-уми эҷодӣ чорабинӣ баргузор гардид. Дар он ҳокими вилоят Акмалҷон Маҳмудалиев, санъаткорон, донишҷӯён, мухлисони санъат ва намояндагони аҳли ҷомеа ширкат варзиданд.**

# НАҚШИ САНЪАТИ ТЕАТР ДАР ҶОМЕА



Чорабинӣ бо намоиши видеоӣ аз фаъолияти театр оғоз ёфт. Ҳокими вилоят таъкид кард, ки театр на танҳо як даргоҳи одӣ, балки макони таълиму тарбия, фарҳангу маънавиёт аст. Нақши санъати театр дар баланд бардоштани ҷаҳони маънавии инсон, амиқтар кардани шуур ва тафаккури инсоният беҳамто аст. Ба ҷамоаи театр дар мавсими нав навгониҳои эҷодӣ ва барори кор орзу намуд.

А. Маҳмудалиев барои заҳмату меҳнати як гурӯҳ санъаткорони фидоӣ мукофотҳо туҳфа кард. Инчунин, ба иштироккунандагони чорабинӣ хабар дод, ки музеи таърихи театри драмавии вилоят ташкил карда мешавад.

Аҳли театр саҳнаи спектакли «Қурбонони разолат»-ро дар асоси асари нависанда Набиҷон Ҳошимов ба ҳукми тамошобинон пешкаш намуд. Мавзӯи асар ҳифзи ҷавонон аз ҳар гуна зӯроварӣ, равияҳои гуногун, ифротгароии динӣ ва ақидапарастӣ буда, ороиши саҳна, мусиқии мувофиқ, интихоби дурусти рақс ба тамошобин таъсиргузор буд. Спектакл ҷавононро ба ватандӯстиву инсонпарварӣ даъват намуда, дар дилашон меҳру муҳаббатро зиёд мегардонад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*
***Суратгир: муаллиф.***

*Нишасти матбуотӣ*

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – НЕЪМАТИ ОЛӢ

**Аз рӯзҳои аввали истиқлолият бахри ҳифз ва рушди забон, урфу одат, арзишҳои миллӣ, мероси илмиву фарҳангии миллат ва элатҳое, ки дар ҷумҳурӣ аҳлона зиндагӣ мекунанд, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст ва ин яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлат ба шумор меравад.**

Бо ташаббуси Кумитаи оид ба муносибатҳои байнимиллӣ ва алоқаҳои дӯстона бо мамлакатҳои хориҷии назди Вазорати фарҳанг дар Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ аз рӯйи чорабиниҳои маънавиву маърифатие, ки аз ҷониби марказҳои миллӣ-фарҳангии ҷумҳурӣ бахшида ба 33-солагии Истиқлолияти Ӯзбекистон дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ботантана гузаронда шуданд, анҷумани матбуотӣ баргузор шуд.

Қайд гардид, ки кумита фаъолияти 157 маркази миллӣ-фарҳангӣ ва 38-то ҷамъияти дӯстиро дар фазои якдилӣ, дӯстӣ, ватанпарварӣ ва ҳамҷиҳатӣ гирдиҳам овардааст, ки ин фазои дӯстӣ дар тӯли 33 сол, бешубҳа, ба ҳаёти ҳар як намояндаи миллат таъсири амиқ гузошт.

– Дар Ӯзбекистон бахри ҳамҷиҳатии миллатҳо ва ҳифзи муносибатҳои таҳаммулпазирии динӣ модели ба худ хос офарида шудааст. Дар тӯли асрҳо дар ин ҷо ҳамзистии созгоронаи гурӯҳҳои этникӣ, фарҳангу мазҳабҳои гуногун аз таҳаммулпазирии динии ҳамватанони муқими минтақаамон дарак медиҳад. Солҳои тӯлонӣ халқҳои Осиёи Миёнаро анъанаҳои муштараки таърихӣ, умумияти этникӣ, забон, ягонагии фарҳангӣ, робитаҳои ҳудудию иқтисодӣ муттаҳид сохтаанд, – гуфт раиси Маркази миллӣ-фарҳангии қирғизҳои ҷумҳурӣ Раҳматулло Ҷабборов.

– Марказҳои миллӣ-фарҳангӣ дар таъмини бардавомии урфу одат, гиромӣ доштани арзишҳои миллатҳо, дар баробари ин, ба ҷавононамон тарғиб намудани эҳтиром ба миллату халқиятҳои дигар, ки дар Ӯзбекистон истиқомат доранд, ҳиссаи муносиб мегузоранд. Барои бо тантана пешвоз гирифтани Истиқлолияти Ӯзбекистон Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ якҷоя бо марказҳои миллӣ-мадании шаҳру вилоятҳо чорабинӣ, вохӯрӣ ва суҳбатҳои хотирмонро бо намояндагони фаъоли минтақаҳои тоҷикнишин гузарондем, – гуфт дар баромади худ раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ Гуландом Субҳонова.

Таъкид гардид, ки чунин гирдиҳамоиҳо бахри боз ҳам мустаҳкам намудани таҳаммулпазирӣ, ҳамҷиҳатӣ, ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ хидмат мекунанд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# САЛОҲИЯТИ САЙЁҲӢ МЕАФЗОЯД

**Бо ташаббуси сарвари давлатамон гаҳвораи тамаддуни Шарқ – Самарқанд барҳақ ба маркази сайёҳӣ табдил ёфт. Танҳо дар 6 моҳи соли равон ба вилояти мо 1 миллиону 253 ҳазор сайёҳони хориҷӣ ва 742 ҳазор дохилӣ ташриф фармуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1,5 маротиба зиёд мебошанд.**

Дар шаш моҳи охир дар минтақаи мо 6 меҳмонхона, 11 истиқоматгоҳ, 40 ҳавлӣ барои меҳмонон ва 45 ширкатҳои хизматрасонӣ ба сайёҳон ташкил гардид, ки нисбати соли гузашта ду баробар афзоиш ёфтааст.

Боиси хушнудист, ки дар Венгрия, Испания, Британиёи Кабир, Чин, Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон чорабинии «Самарқанд – дарвозаи Ӯзбекистони Нав» баргузор гардид, ки дар натиҷа ҷараёни вориди сайёҳони хориҷӣ афзуд.

– Солҳои охир шаҳри Самарқанд ҳамчун маркази баргузоршавии анҷуманҳои гуногуни байналхалқии фарҳангӣ, варзишӣ, сиёсӣ ва ғайра диққату эътибори оламро ба худ мекашад, – иброз дошт ҷонишини сардори Садорати сайёҳии вилояти Самарқанд Дилшод Нарзиқулов, – дар муддати кӯтоҳ чанд тадбирҳои пуршукӯҳи хотирнишон чун «Таронаҳои Шарқ», варзиши байналхалқии оиди триатлон, анҷумани муштараки ду ташкилоти бузурги ҷаҳонӣ оид ба нассоҷӣ (бофандагӣ) ва федератсияи байналмилалии либос баргузор гардид, ки ба ҳамин муносибат хеле меҳмонону мезбонон ташриф фармуданд.

Саркотиби Созмони Ҷаҳонии сайёҳӣ Зураб Пололикашвили аз фаъолияти академияи байналмилалии сайёҳии Самарқанд дидан карда, бо аввалин донишҷӯён сӯҳбат орост.

**– Дилшодҷон, нақшҳои оянда аз чиҳо иборатанд?**

– Дар рӯзҳои наздик боз чанд анҷуманҳои гуногуни байналхалқӣ хоҳад гузашт. Инчунин мо дар тадбирҳои бонуфузи давлати Чин дар шаҳри Гуанжоу ва Маями дар Амрико ширкат варзида, доир ба салоҳияти сайёҳии вилояти Самарқанд маълумоти пурра медиҳем.

Бояд таъкид намуд, ки дар ноҳияҳои Самарқанд ва Нуробод, саҳеҳтар гӯем, дар дараи хушҳавои Оқсой, ки бо зиёратгоҳи Ҳазрати Довуд пайғамбар маълуму машҳур аст, деҳаи сайёҳӣ ташкил меёбад. Ҳоло корҳои сохтмонӣ дар авҷ мебошанд.

То охири сол ташрифи беш аз 1 миллион сайёҳони хориҷӣ ва воридшавии 500 миллион доллар пешбинӣ шудааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Самарқанд салоҳияти сайёҳӣ хоҳад афзуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-928.
Адади нашр 4188. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.